ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 6
(239) 3 июни
соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ҶАВОНОН - НЕРУИ СОЗАНДАИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ

*20-уми майи соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ки ҳамасола 23-юми май дар саросари кишвар таҷлил мегардад, чорабинии бошукӯҳи сиёсӣ-фарҳангӣ зери унвони «Ҷавонон - неруи созандаи давлату миллат» доир гардид. Дар ҳамоиши идона Шокирзода Муҳаммадтолиб - муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зоир Ҳабибзода - раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва Нуралӣ Хоркашев - намояндаи Федератсияи футболи Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.*







Қабл аз оғози чорабинӣ меҳмонон аз дастовардҳо ва маҳсули фаъолияти омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ, ки дар намоишгоҳи идона ба маърази тамошо гузошта шуда буданд, дидан намуданд.

Чорабиниро ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоҷон Сатторзода ифтитоҳ намуда, ҳозиринро ба Рӯзи ҷавонон табрик гуфт. Ба андешаи ректор, донишгоҳ дар тарбияи ҷавонони донишманду ватандӯст нақши муҳим дошта, донишҷӯён бояд дар баробари омӯзиши илмҳои муосир ҳисси баланди миллӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар худ ташаккул диҳанд.

Ҳоло дар донишгоҳ 107 муҳаққиқи ҷавон фаъолият дошта, дар соли таҳсили 2025-2026 ҳафт нафар рисолаҳои илмии худро ҳимоя намуданд. Ҳамчунин, 45 нафар унвонҷӯ, 28 нафар доктор PhD ва 209 нафар магистрант ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Тавре иттилоъ дода шуд, 16 нафар донишҷӯ мактаби омӯзишии «Пайравони Пешвои миллат»-ро хатм намуда, 5 нафар гирандаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 нафар гирандаи стипендияи Раиси шаҳри Душанбе, 6 нафар ғолиби олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва 27 нафар ғолиби озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ мебошанд. Илова бар ин, 13 нафар донишҷӯ дар доираи барномаи «Мубодилаи донишҷӯён» барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода шудаанд.

Дар анҷом ректори донишгоҳ изҳор дошт, ки ҷавонони худогоҳу ватандӯст минбаъд низ бо илму дониш, зиракии сиёсӣ ва ҳисси баланди миллӣ баҳри таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузоранд.

Сипас, Шокирзода Муҳаммадтолиб - муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш иброз дошт, ки таҷлили Рӯзи ҷавонон нишонаи эҳтиром ва эътимоди давлат ба ҷавонони кишвар мебошад. Ҳамасола аз оғози моҳи май дар ҷумҳурӣ «Моҳвораи ҷавонон» роҳандозӣ гардида, дар доираи он даҳҳо чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ, маърифатӣ ва варзишӣ баргузор мешаванд.

Дар идомаи суханронӣ таъкид гардид, ки соҳаҳои ҷавонон ва варзиш аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон ва таҳкими тарзи ҳаёти солим тадбирҳои муҳиму муассир амалӣ мешаванд.

Тавре зикр шуд, 23-юми майи соли 1997 мулоқоти таърихии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони кишвар баргузор гардида, дар ҳамон рӯз фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба баъзе масъалаҳои беҳтар кардани кор бо ҷавонон» ба имзо расида буд. Маҳз ҳамин сана дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун Рӯзи ҷавонон пазируфта шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози демографӣ кишвари ҷавон ба ҳисоб рафта, қисми зиёди аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, давлату Ҳукумат ба масъалаи таълиму тарбия, соҳибкасб гардидан ва ҷалби ҷавонон ба корҳои созандагиву ободонӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Зоир Ҳабибзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино зимни суханронии худ аз нақши ҷавонон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҷомеа ёдовар шуда, аз ҷумла иброз дошт, ки сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои стратегии давлат маҳсуб меёбад. Ҷавонони имрӯза бояд бо ҳисси баланди ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар пешрафти кишвар саҳми арзанда гузоранд.

Ҳамчунин, зимни ҳамоиш аз фаъолияти ТҶҶ «Созандагони Ватан» ёдоварӣ гардида, таъкид шуд, ки ин ниҳоди ҷавонони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баҳри тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ саҳми назаррас дорад.

Дар қисмати тантанавии чорабинӣ як қатор омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни фаъол барои фаъолияти пурсамар, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дастовардҳои назаррас бо ифтихорномаву сипосномаҳо қадрдонӣ гардиданд. Аз ҷумла, устодон Рофизода Саидзода ва Неъматуллои Мирзошо барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд.

Инчунин, Матлабшоҳ Ҳакимзода, Далер Сангинов, Шукуфа Умаршоева, Фаррух Давлатов, Хисрав Абдураззоқов, Рамазон Самадов, Шукрулло Зокирзода, Айдимамад Азизмамадов, Алифбек Ҷонбеков, Мутриба Муҳаммадиева, Дилноза Ҷаъфарова, Муҳаммад Ҳаймаҳмадов, Ҷамолиддин Тӯраев, Сиёвуш Раҷабов, Низом Валиев ва Исмоил Асроров барои фаъолияти пурсамар ва меҳнати софдилона бо Ифтихорномаи донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Дар баробари ин, ба сардори бахши иттилоот ва танзими донишгоҳ Ҳусейн Носирзода Сипосномаи Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Ҳамчунин, як қатор омӯзгорон, аз ҷумла, Қаландар Сафаров, Мирсаид Ҳамроев, Гулрухсор Ҳабибова, Гулрухсор Баротова, Насаб Маҳмадбекова, Шаҳноза Абдуллоева, Бахтиёр Ҷӯрахонзода, Худойдод Холмуродов ва Сорбон Шарбатов бо Ифтихорномаи Кумитаи ҷавонон сарфароз гардонида шуданд.

Дар доираи чорабинӣ, инчунин ғолибони мусобиқаи «Ҷоми иттифоқи касабаи ДДМИТ» оид ба футболи хурд байни факултетҳо муайян ва қадрдонӣ шуданд. Дар натиҷа, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ҷойи якум, факултети иқтисод ва идоракунии давлатӣ ҷойи дуюм ва факултети молия ва қарз ҷойи сеюмро соҳиб гардида, бо маблағҳои пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

Дар фарҷоми ҳамоиш барномаи рангини фарҳангии шуъбаи фарҳанги донишгоҳ таҳти роҳбарии Аълочии фарҳанги Тоҷикистон Ҷӯрамуроди Муҳаммадназар пешниҳоди аҳли толор гардида, ба чорабинӣ шукуҳу шаҳомати хоса бахшид.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Оғози нашр: 7. 03. 2013
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
*Ректор*

Мирсаидов Саидакмал Аброрович
*Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим*

Муқимов Қутбиддин Мирзоҷонович
*Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия*

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
*Муовини ректор оид ба тарбия*

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
*Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ*

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
*Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ*

САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

САРМУҲАРРИР:
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

МУҲАРРИР - СУРАТГИР:
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/РЗ-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

Тавзеҳ:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон:
934288855,
907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ - ЗАМИНАИ АСОСИИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ



Рӯзи 11-уми майи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии донишгоҳ конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Истиқлоли давлатӣ ҳамчун заминаи асосии рушди қонунгузории миллӣ» доир гардид. Дар кори конференсия олимону муҳаққиқон, намояндагони мақомоти давлатӣ, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Конференсияро ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ифтитоҳ бахшида, иброз дошт, ки мардуми шарафманди Тоҷикистон дар арафаи таҷлили яке аз муҳимтарин ҷашнҳои миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатӣ қарор доранд. Ба истиқболи ин санаи таърихӣ дар тамоми муассисаву ташкилотҳои мамлакат чорабиниҳои гуногуни сиёсиву фарҳангӣ ва илмӣ баргузор гардида истодаанд, ки онҳо таҷассумгари эҳсоси баланди худшиносиву ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ мебошанд.

Воқеан, истиқлолият барои ҳар як давлат рамзи озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва сарнавиштсозии миллӣ маҳсуб меёбад. Барои миллати тоҷик бошад, Истиқлоли давлатӣ оғози марҳилаи нави таърихӣ, эҳёи давлатдории муосири миллӣ, таҳкими тафаккуру ҷаҳонбинии миллӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, эҷоди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, иҷтимоӣ ва адолатпарвар гардид.

- Дар солҳои аввали истиқлолият Тоҷикистон рӯзҳои бисёр душворро паси сар намуд. Ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат таъсири манфӣ расонд. Аммо бо иродаи қавии халқи тоҷик ва талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу субот дар кишвар барқарор гардида, замина барои рушди давлатдории миллӣ муҳайё шуд, - иброз дошт ректор.

Бо ташаббуси Пешвои миллат як қатор қонунҳои дорои хусусияти миллӣ қабул гардиданд, ки дар таҷрибаи бисёр давлатҳо дида намешаванд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» дар танзими ҳаёти иҷтимоӣ ва таҳкими фарҳанги миллӣ нақши муассир гузоштанд. Ин қонунҳо, пеш аз ҳама, барои ҳифзи арзишҳои миллӣ, пешгирии исрофкорӣ, таҳкими масъулияти шаҳрвандӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модар ва таъмини тарбияи дурусти насли наврас қабул гардиданд. Натиҷаҳои амалии онҳо имрӯз дар ҷомеа равшан эҳсос мешаванд.

Истиқлолият, инчунин, баҳри эҳёи арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик шароити мусоид фароҳам овард. Эҳтиром ба забони давлатӣ, ташаккули ҳофизаи таърихии миллӣ, омӯзиши мероси ниёгон ва рушди худшиносии миллӣ имрӯз дар сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати мамлакат мавқеи муҳим доранд.

Дар қисми илмии конференсия як қатор олимону коршиносон бо маърузаҳои илмӣ баромад намуданд. Аз ҷумла, Мирзозода Парвон Зайналобудин - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии «Институти давлат ва ҳуқуқ»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои муҳими рушди давлатдории миллӣ ва такмили қонунгузорӣ сухан карданд.

Инчунин, Исмоилов Шавкат Маҳмудович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии ДДМИТ дар мавзуи «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: 30 соли ҳамбастагии илми иқтисод, ҳуқуқ ва таҷриба» маъруза намуда, саҳми донишгоҳро дар омодасозии кадрҳои баландихтисос ва рушди афкори илмӣ муҳим арзёбӣ кард.

Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Саҳми муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ дар такмили қонунгузории мамлакат» сухан ронд.

Ҳамчунин, Бобозода Ҷамрод Қурбон - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии ДДМИТ дар мавзуи «Саҳми олимони ватанӣ дар инкишофи қонунгузории мамлакат» маъруза намуд.

Дар ҷараёни конференсия доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холиқзода Абдураҳим Ғафор баромад намуда, китоби дуҷилдаи худро таҳти унвони «Давлати миллии демократӣ» ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тақдим кард.

Ба гуфтаи муаллиф, ҳадафи асосии китоб муайян намудани асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии давлатдории миллӣ-демократӣ ва мутобиқсозии он ба воқеияти ҷаҳони муосир мебошад. Муаллиф таъкид намуд, ки давлатдории миллӣ бояд дар заминаи фарҳанг, забон, худшиносии миллӣ ва анъанаҳои таърихӣ устувор бошад.

Дар маҷмуъ, дар конференсия беш аз 15 маъруза аз ҷониби олимону муҳаққиқон ироа шуда, таъкид гардид, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати сулҳҷӯ, ҳуқуқбунёд ва соҳибихтиёр эътироф гардида, дар ҳалли масъалаҳои муҳими байналмилалӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши фаъол дорад. Аз ин рӯ, ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, таҳкими волоияти қонун, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди худшиноси кишвар мебошад.

Дар фарҷоми конференсия ба иштирокчиён барои фаъолияти пурсамари илмӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди давлатдории миллӣ изҳори сипос карда шуд.

# ҲХДТ - МАКТАБИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН



Дар доираи нақшаи чорабиниҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе 13-уми май дар ДДМИТ дарси сиёсӣ таҳти унвони «Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - мактаби ташаккули маърифати сиёсию ҳуқуқии ҷавонон» доир гардид. Дар чорабинӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, раиси Кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳияи Сино Ҳабибзода Зоҳир Иззат, роҳбарияти донишгоҳ, омӯзгорон ва доираи васеи донишҷӯён иштирок намуданд.

Чорабиниро ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки имрӯзҳо мардуми кишвар дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон қарор доранд. Маҳз дар ин замина, баргузор гардидани чорабиниҳои сиёсиву маърифатӣ барои таҳкими ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аҳамияти муҳим доранд.



Ба андешаи ректор, яке аз ниҳодҳои фаъоли сиёсӣ дар самти татбиқи сиёсати давлат ва тарғиби ғояҳои созандаи миллӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад. Ҳизб дар давраи бисёр ҳассоси таърихии кишвар таъсис ёфта, бо такя ба ормонҳои миллӣ ва иродаи мардум тавонист дар муддати кӯтоҳ ба як неруи муассири сиёсӣ ва мактаби тарбияи ватандӯстии ҷавонон табдил ёбад.

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор афзуд, ки ғояҳои созанда ва сиёсати дурбинонаи Раиси муаззами ҳизб - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаи асосии пешрафти давлатдорӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори ҷомеа ба шумор мераванд.

Дар идомаи чорабинӣ раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло оид ба нақши ҳизб дар ташаккули маърифати сиёсию ҳуқуқии ҷавонон, таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи шаҳрвандони масъулиятшинос суханронӣ намуд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби умумимиллӣ аз ирода ва ормонҳои мардуми Тоҷикистон сарчашма гирифта, аз рӯзҳои аввали фаъолияташ дар роҳи барқарорсозии сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди давлатдории навини тоҷикон саҳми назаррас гузоштааст.

Қайд гардид, ки ҳизб имрӯз низ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими фарҳанги сиёсӣ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандии ҷавонон фаъолияти густурда дорад.

Дар ҷараёни дарси сиёсӣ масъалаҳои муҳим, аз ҷумла тарғиби сиёсати давлатӣ, таҳкими мафкураи миллӣ, ҳифзи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ, муқовимат бо таҳдидҳои муосир, пешгирии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фарҳанги аҷдодӣ, рушди корҳои ободониву созандагӣ ва омодагӣ ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.



Шоҳиён Абдураҳим изҳор дошт, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва густариши фазои иттилоотӣ ҳифзи манфиатҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ ва амнияти иттилоотӣ аз вазифаҳои муҳими ҳар як шаҳрванди ватандӯст ба ҳисоб меравад. Ҷавонон бояд бо дарки баланди сиёсӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ дар ҳифзи арзишҳои миллӣ саҳмгузор бошанд.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон имрӯз ба мактаби воқеии камолоти сиёсӣ ва тарбияи кадрҳои ҷавон табдил ёфта, дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муассир дорад.

Дар рафти чорабинӣ вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омодагӣ ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, таҳкими фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, ҷалби ҷавонон ба корҳои созандагиву ободонӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати чорабиниҳои сиёсиву тарбиявӣ ба масъулин тавсияҳо ва супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Таъкид гардид, ки ҷавонони имрӯза ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа бояд бо дониш, маърифат, худшиносии миллӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ дар ҳифзу таҳкими дастовардҳои истиқлолият, сулҳу субот ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзанда гузоранд.

Дар анҷоми чорабинӣ ба як қатор донишҷӯёне, ки барои шомил шудан ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ариза пешниҳод намуда буданд, дар вазъияти тантанавӣ шаҳодатнома ва дафтарчаҳои узвият супорида шуданд.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# ПОСИ ХОТИРИ ҚАҲРАМОНОН

21 майи соли 2026 ҳайати профессориву омӯзгории ДДМИТ зери роҳбарии ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор дар пайравӣ ба иқдому ташаббусҳои созандаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳтиром гузоштан ба хизматҳои шоёни абармардони таърих ба мавзеи Оромгоҳи Луҷоби шаҳри Душанбе рафтанд.



Зимни ин маросим, ба сари манзили Қаҳрамонони Тоҷикистон Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур ва чеҳраи барҷастаи фарҳангии таърихи миллат Нисор Муҳаммад, ки хоки ин шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ чанде пеш бо ташаббуси Роҳбари давлат ба Ватан оварда шуд, рафта, ба поси хотири онҳо гулчанбар гузошта, дар ҳаққашон дуои хайр ва суханҳои нек гуфтанд.

Ин иқдом ба хотири қадрдонӣ аз хизматҳои шахсиятҳои барҷастаи миллат, ки барои ободию озодии халқ, забону фарҳанги миллӣ ва давлати навини тоҷикон ҷони худро аз даст додаанд, амалӣ гардида, баҳри тарбияи насли имрӯз ва муаррифии бештари онҳо саҳм мегузорад.



Лозим ба қайд аст, ки бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як мушт хоки ин фарзандони барӯманди миллат ба Ватан оварда шуда, ҳамчун арҷгузорӣ ба хизматҳои арзишманди онҳо дар роҳи таъсис ва таҳкими давлатдории тоҷикон арзёбӣ гардид.

Инчунин, дар рафти маросим хотираи неки дигар шахсиятҳои шинохтаи илму адаб ва фарҳанг гиромӣ дошта шуд.

# ОМӮЗГОРОН ВА ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАВИ МИЛЛӢ ВА МАРАФОНИ ВЕЛОСИПЕДРОНӢ ИШТИРОК НАМУДАНД

Санаи 17 майи соли 2026 омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар чорабинии оммавии варзишӣ - Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ иштироки фаъолона намуданд.

Ин иқдом ҳамасола бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва Рӯзи ҷаҳонии футбол доии гардида, бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим, рушди варзиш ва таҳкими рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва иттифоқию солимгардонии ҷомеа доир карда мешавад.

Ин навбат ҳайати ДДМИТ зиёда аз 200 буданд, ки бо рӯҳияи баланд ва ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ дар ин ҳамоиши варзишӣ ширкат варзида, саҳми худро дар тарғиби ҳаёти солим ва оммавигардонии варзиш гузоштанд.

Қобили зикр аст, ки Дави миллӣ ҳамасола дар саросари мамлакат баргузор гардида, яке аз маъракаҳои муҳими варзишии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Омӯзгорону донишҷӯён пайваста дар ташаббусҳои ҷамъиятӣ фаъол мебошанд. Ин навбат низ аз субҳ дар назди мавзеи муайяншуда Чорбоғ ҳузур доштанд.




# ИФТИТОҲИ ТОЛОРИ ТАЪЛИМӢ–ТАҶРИБАВИИ МУРОФИАИ СУДӢ



Рӯзи 11-уми майи соли ҷорӣ дар доираи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Истиқлоли давлатӣ - заминаи асосии рушди қонунгузории миллӣ», ки ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доир гардид, дар донишгоҳ толори таълимӣ- таҷрибавии мудофиавии судӣ ифтитоҳ ёфт.

Зимни ифтитоҳи толори мазкур олимону донишмандони соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносии кишвар иштирок намуда, ба сифати омодасозии он баҳои баланд доданд.

Қайд гардид, ки таъсиси толори мазкур ба баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии донишҷӯён, рушди тафаккури илмӣ, ташаккули малакаҳои касбӣ ва омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

Толори таълимӣ-таҷрибавии мурофиаи судӣ бо таҷҳизоти муосир, воситаҳои техникӣ ва тамоми шароити зарурии таълимӣ таъмин гардида, ҷиҳати баргузор намудани машғулиятҳои амалӣ, мурофиаҳои омӯзишӣ ва таҳкими донишҳои назариявии донишҷӯён имконияти васеъ фароҳам меорад.

Фаъолияти толори мазкур дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии донишҷӯён, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳкими эҳтиром ба қонун нақши муассир хоҳад гузошт.

Дар фарҷоми боздид меҳмонон омодагии худро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои минбаъдаи илмиву таълимӣ ва дастрасии адабиёти зарурӣ баён доштанд.



# ФУТЗАЛБОЗОНИ ДДМИТ– СОҲИБИ МЕДАЛИ БИРИНҶИИ МУСОБИҚАИ ҶУМҲУРИЯВӢ




Бо дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ имрӯзҳо барои рушди инфрасохтори варзишӣ ва оммавигардонии футбол дар тамоми гӯшаву канори кишвар тадбирҳои муҳиму созанда амалӣ гардида истодаанд.

Дар ин замина, бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва Рӯзи ҷаҳонии футбол миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ «Лигаи футзали донишҷӯён» доир гардид. Мусобиқа аз 5 апрел то 24 майи соли ҷорӣ бо иштироки дастаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пойтахти кишвар дар Маҷмааи варзишии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар фазои рақобати солим ва руҳияи баланди варзишӣ ҷамъбаст гардид.

Дастаи футзалбозони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мусобиқа иштироки фаъолона намуда, бо нишон додани маҳорати баланд, иродаи қавӣ ва бозии ҷолиб сазовори ҷойи сеюм гардид. Дар бозӣ барои ҷойи сеюм футзалбозони ДДМИТ дастаи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистонро бо ҳисоби 1 бар 0 мағлуб намуда, соҳиби медали биринҷии мусобиқа шуданд.

Тибқи натиҷаҳои ниҳоӣ, ҷойи аввал насиби Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойи дуюмро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва ҷойи сеюмро Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ишғол намуд.

Қобили зикр аст, ки футзалбозони ДДМИТ дар тамоми марҳилаҳои мусобиқа ҳунарнамоии хуб нишон дода, дар рақобатҳои пуршиддати даври ҷаҳорякниҳоӣ ва финалӣ муваффақона баромад намуданд.

Ба иттилои мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждании донишгоҳ Собир Шокиров, рушди соҳаи варзиш, бахусус футбол ва футзал яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, барои тарғиби тарзи ҳаёти солим, таҳкими дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва ҷалби ҷавонон ба варзиш мусоидат менамояд.

Ҳадафи асосии баргузории чунин мусобиқаҳо тарғиби тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ ва малакаи ҷавонон, ҷалби онҳо ба варзиш ва таҳкими дӯстиву рафоқат байни ҷавонон мебошад.

Дастаи футзалбозони ДДМИТ дар ин мусобиқа таҳти роҳбарии сармураббӣ Собир Шокиров ва мураббӣ Исматулло Аҳадов иштирок намуданд. Бояд гуфт, ки ин бори дуюм аст, ки футзалбозони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба даври ниҳоии мусобиқаи ҷумҳуриявӣ роҳ ёфта, соҳиби медал мегарданд.

Муваффақияти навбатии футзалбозони ДДМИТ нишонаи таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳ ба рушди варзиш, тарбияи ҷисмонии ҷавонон ва омода намудани варзишгарони соҳибмаҳорат мебошад.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА,**
**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ИШТИРОК ДАР ФЕСТИВАЛИ ФУТБОЛ



25 май дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии Душанбе фестивали бошукӯҳи футбол бахшида ба таҷлили Рӯзи ҷаҳонии футбол доир гардид. Ташаббускори пешниҳоди ин сана президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ ва Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустам Эмомалӣ буда, он аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфт.

Дар ҷашнвораи футбол 700 кӯдак иштирок намуд. Ҳадафи асосии чорабинӣ рушди футболи оммавӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим мебошад.

Варзишгоҳи марказии Душанбе ҳудуди 20 ҳазор мухлисро ҷамъ оварда, фазои воқеии ҷашни футболро ба вуҷуд овард. Барои тамошобинон барномаи фарҳангиву фароғатӣ пешкаш гардид.

Дар баробари дигар кормандони касбу кори гуногун аҳли раёсат, устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ин чорабинии муҳими варзишӣ фаъолона иштирок намуда, ҷонибдории хешро аз тарғиби тарзи ҳаёти солим ва футбол нишон доданд.

# ИСТИҚБОЛИ ГАРМИ ҒОЛИБОНИ ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР ДДМИТ

Субҳи 11 майи соли равон 6 нафар донишҷӯи номовари ДДМИТ, ки рӯзҳои 7-8-уми май дар олимпиадаи ҷумҳуривии донишҷӯён дар шаҳри Хуҷанд иштирок ва ғолиб дониста шуданд, аз ҷониби Раёсати донишгоҳ пазироии гарму самимӣ ёфтанд.

Дар маросими пешвозгирии ғолибон, ки дар саҳни донишгоҳ сурат гирифт, ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор бо шодбошӣ ва ифтихормандӣ аз дастоварди дастпарварони муассисаи таълимӣ зикр намуд, ки имрӯз барои аҳли Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон рӯзи фараҳбахшу хотирмон аст, зеро мо бо эҳсоси ифтихор ва сарфарозӣ донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишгоҳро, ки дар озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯён сазовори ҷойҳои намоён гардиданд, истиқбол менамоем.

Бобоҷон Сатторзода дар идома афзуд, ки пирӯзии шумо - донишҷӯён танҳо натиҷаи дониш ва заҳмати шахсии худатон набуда, балки самараи муҳити солими илмӣ, талошҳои устодон, дастгирии волидон ва сиёсати маорифпарваронаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҳз таваҷҷуҳи пайвастаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба рушди илму маориф ва дастгирии ҷавонон имкон фароҳам овардааст, ки ҷавонони тоҷик дар ҳама самтҳо қобилияти худро нишон диҳанд.

- Шумо имрӯз исбот намудед, ки ҷавони тоҷик дорои тафаккури солим, ҷаҳонбинии муосир ва неруи бузурги зеҳнӣ мебошад. Ғолибият дар чунин озмунҳои бонуфуз масъулияти шуморо низ бештар мегардонад. Зеро ҷомеа аз шумо ҳамчун мутахассисони ояндасоз, иқтисоддонҳои варзида, молиячиёни касбӣ ва кадрҳои ватандӯст интизориҳои калон дорад, - зикр намуд ректори донишгоҳ ва илова кард, ки «Мо дар донишгоҳ пайваста кӯшиш менамоем, то ҷиҳати рушди қобилияти илмӣ ва эҷодии донишҷӯён тамоми шароити заруриро муҳайё созем. Иштирок ва пирӯзии шумо дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ собит месозад, ки ин иқдомҳо натиҷаи нек медиҳанд».




Дар охир Бобоҷон Сатторзода бо изҳори сипос ба роҳбарони илмӣ ва падару модарони донишҷӯёни ғолиб зикр намуд, ки дар паси ҳар дастоварди донишҷӯ меҳнати шабонарӯзӣ, роҳнамоии оқилона ва дастгирии маънавии онҳо қарор дорад ва аз ин рӯ, итминон дорам, ки шумо - шогирдони азиз дар оянда низ обрӯ ва нуфузи донишгоҳро баланд бардошта, бо фаъолияти пурсамари худ баҳри пешрафт ва шукуфоии Тоҷикистони азиз саҳми арзандаи худро мегузоред.

Хотиррасон менамоем, ки имсол Олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯён, ки бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, таҳти унвони «Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад» ба 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он 490 нафар муҳассилин аз 46 мактаби олии кишвар ширкат варзиданд. Довталабон аз рӯйи 15 фанни таълимӣ дар ду бахш - илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиӣ, дақиқу риёзӣ рақобат намуда, дар охир 18 нафар ғолиби ҷойи якум, 37 нафар сазовори ҷойи дуюм ва 60 нафар барандаи ҷойи сеюм эътироф шуданд.

Қобили тазаккур аст, ки маросими ҷамъбастии озмуни ҷумҳуриявӣ санаи 8 майи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро иштирок ва суханронӣ намуд. Вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ иброз дошт, ки баргузории олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба як падидаи муҳимми илмӣ табдил ёфтааст, ки на танҳо сатҳи дониш ва маҳорати тахассусии ҷавононро муайян месозад, балки муҳити солими рақобатро баҳри рушди шахсӣ ва афзоиши ҷаҳонбинии илмии онҳо фароҳам овардааст.

Хурсандибахш аст, ки донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо касби 6 ҷойи ин олимпиада, аз ҷумла, 3 ҷойи дуюм ва 3 ҷойи сеюм дар раддабандӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат мавқеи намоёнро ишғол намуд.

*Рӯйхати номоварони ДДМИТ дар Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯён дар соли 2026:*

*Ҷойи 2-юм аз фанни назарияи иқтисодӣ:*

*Азизмамадов Айдимамад Эраҷонович - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон, роҳбари илмиаш Балхов Д.А.;*

*Ҷойи 2-юм аз фанни информатика:*

*Ҷонбеков Алифбек Манучеҳрович - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси амнияти компютерӣ, роҳбари илмиаш Темурбекова С.Д.;*

*Ҷойи 2-юм аз фанни сиёсатшиносӣ:*

*Муҳаммадиева Мутриба Рустамовна - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ, роҳбари илмиаш Ҳабибов С.И.;*

*Ҷойи 3-юм аз фанни забони русӣ:*

*Ҷафарова Дилноза Фарҳадовна - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо, роҳбари илмиаш Махшулов Ҷ.;*

*Ҷойи 3-юм аз фанни ҳуқуқшиносӣ:*

*Ҳаймаҳмадов Муҳаммад Азаматшоҳович - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқ, роҳбари илмиаш Мирзоев С.А.;*

*Ҷойи 3-юм аз фанни математика:*

*Тӯраев Ҷамолиддин Маҳмадиевич - донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, роҳбари илмиаш Пирназаров К.*

*Инчунин, донишӯи курси 1-уми ихтисоси хадамоти гумруки донишгоҳ Дилшод Абдуназаров аз рӯи равияи фанҳои таббию риёзӣ барои иштироки фаъолона дар олимпиадаи мазкур соҳиби Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.*

Дар чорабинӣ ғолибони олимпиада бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# МОҲВОРАИ ҶАВОНОН ВА ҚАДРШИНОСИИ ДОНИШГОҲ

**19 майи соли равон дар доираи нақша-чорабиниҳои моҳвораи ҷавонон ва бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дар Боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абдулқосим Фирдавсии пойтахт чорабинии бошукӯҳи фарҳангӣ-фароғатии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доир гардид.**



Чорабинӣ устодону донишҷӯёни донишгоҳро ба муносибати се ҷашни фархундаи миллӣ ва таърихӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дар як фазои ягонаи идона ва шукӯҳманд ба ҳам овард. Дар ҳамоиш ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон, намояндаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ализода, инчунин, муовинони ректор, сардорони раёсату шуъбаҳо, деканони факултетҳо, мудирони кафедраҳо, устодону кормандон ва теъдоди зиёди донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ ширкат варзиданд.




Чорабиниро ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон ифтитоҳ намуда, ҳозирин ва дар симои онҳо тамоми ҷавонони кишварро бо Рӯзи ҷавонон ва ҷашнҳои бузурги миллӣ табрику таҳният гуфт. Ректор дар баромади худ таъкид дошт: «Ҷавонон неруи пешбаранда, созанда ва қувваи тавонои ҷомеа мебошанд. Имрӯз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои илмомӯзӣ, кашфи истеъдодҳо ва фаъолияти густурдаи насли ҷавон тамоми шароитҳо муҳайё карда шудаанд. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ дар давоми 30 соли фаъолияти худ ҳамеша мекӯшад, ки мутахассисони сатҳи баланд ва ватандӯстро тарбия намояд».

Дар идома намояндаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш Далер Ализода паёми табрикии роҳбарияти Кумитаро ба самъи ҳозирин расонид. Вай саҳми арзандаи ҷавонони ДДМИТ-ро дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва варзишии кишвар баланд арзёбӣ намуда, қайд кард, ки донишҷӯёни ин боргоҳи илм ҳамеша дар сафи пеши татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон қарор доранд.

Дар бахши фарҳангии чорабинӣ Ансамбли «Ҷавонӣ»-и донишгоҳ бо барномаи рангину хотирмони худ бо иҷрои суруду таронаҳои дилнишин дар васфи Ватан, Истиқлол, Модар ва даврони тиллоии ҷавонӣ, намоиши рақсҳои мавзуну зебои миллӣ ва муосир, инчунин пешкаш кардани саҳнаҳои ҷолиби ҳаҷвӣ бо маҳорати баланди актёрии донишҷӯён, ки хотири иштирокчиёнро болида сохт, фазои маҳфилро гармтару дилпазир гардонида, ҳудуди боғро ба як муҳити ҳақиқии ҷашнӣ ва идона мубаддал сохт.

Дар анҷоми чорабинӣ аз ҷониби меҳмонони барнома ба сатҳи ташкилотчигӣ, омодагии устодону донишҷӯён ва фазои созандаи донишгоҳ баҳои баланд дода шуд.

Боиси ифтихор аст, ки барои саҳми арзанда дар тарбияи насли наврас, фаъолнокии бесобиқа дар чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо Сипосномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.

Чорабинии мазкур бори дигар собит намуд, ки ҷавонони ДДМИТ натанҳо дар илму заковат, балки дар ҳифз ва рушди унсурҳои созандаи фарҳанги миллӣ низ пешсафу намунавӣ мебошанд.

**Сиёвуш ҲАБИБОВ,**
**сардори раёсати ташкилию тарбиявии ДДМИТ**




# МУВАФФАҚИЯТИ НАВБАТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДДМИТ

Рӯзҳои 23-25 майи соли равон дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон VI-умин Олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи фанҳои математика, химия, биология, физика, технологияҳои иттилоотӣ ва география барои дарёфти «Ҷоми раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» доир гардид.

Олимпиадаи мазкур дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маркази миллии тестӣ ташкил ва ҷамъбаст карда шуда, дар он аз 36 донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 180 нафар донишҷӯ иштирок намуданд.

Хушбахтона, ду донишҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ғолиб дониста шуда, бо диплом, мукофотпулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

Аз ҷумла, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси амнияти компютерӣ Алифбек Ҷонбеков таҳти роҳбарии София Темурбекова аз фанни технологияҳои иттилоотӣ соҳиби ҷойи сеюм гардид. Қобили зикр аст, ки Алифбек қаблан низ дар олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯён сазовори ҷойи дуюм гардида буд.

Мавсуф чанде пеш лоиҳаи худро таҳти унвони «Равзанаи таблиғотии донишгоҳ» муаррифӣ намуда, ин навбат аз миёни 26 иштирокчӣ ҷойи сеюмро соҳиб шуда, соли гузашта дар даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» ҷойи сеюмро ишғол намуд. Зимни таҳсил дар МТМУ №51 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бошад, гирандаи стипендияи Президентӣ буд.

Ҳамзамон, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси хадамоти гумрук Дилшод Абдуназаров зери роҳбарии Вазира Орифҷонова аз рӯи равияи география барои иштироки фаъолона дар «Ҷоми раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» бо Ифтихорнома сарфароз гардонида шуд. Дилшод дар олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯён низ соҳиби Ифтихорнома гардид.

Дилшод соли 2025 дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» ҷойи сеюмро ишғол намуда буд.

Ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ғолибонро ба ҳузур пазируфта, муваффақияти донишҷӯёни донишгоҳро бозгӯи таваҷҷуҳи рӯзафзуни ҷавонон ба илму дониш ва натиҷаи дастгириҳои пайвастаи роҳбарияти давлату Ҳукумат дар самти рушди илму маориф унвон кард.

Ректор бо эътимоди қавӣ иброз дошт, ки донишҷӯёни донишгоҳ ҳамеша бо дастовардҳои назаррас ному нуфузи донишгоҳро баланд мебардоранд, ки боиси ифтихору сарбаландӣ мебошад.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

№ 6 (239) 3.06.26 Молия ва иқтисод



# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҶАВОНОН

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти камназир ва барҷастаи сиёсӣ ба шумор меравад. Аз ҳамин ҷост, ки мо ба омӯзиш ва таҳқиқи шахсияти ӯ, дастовардҳо, услуби роҳбарӣ ва таҷрибаи идоракунии давлати ҷавону соҳибистиқлоли тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар мисоли муносибати ӯ ба ҷавонон кӯшиш мекунем ин масъаларо шарҳу тавзеҳ диҳем.**

**Ҳарчанде ҳаҷми ин мақола имкони таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъро ба мо намедиҳад ва мо наметавонем онро аз нуқтаи назари илмҳои психология, педагогика, ҷомеашиносӣ ва дигар соҳаҳо амиқ мавриди омӯзиш қарор диҳем, вале кӯшиш менамоем бо мисолҳои мушаххас ва барои насли имрӯза фаҳмо ба ин мавзуъ наздик шавем. Бовар дорем, ки дар оянда мутахассисон ин масъаларо аз дидгоҳи илмҳои гуногун таҳқиқ хоҳанд кард.**



Саволхое, ки диққати моро ҷалб намудаанд, инҳоянд: Пешвои миллат барои ҷавонони имрӯзаи Тоҷикистон чӣ хизматҳо анҷом додаанд? Пешвои миллат дар байни ҷавонон чӣ гуна мақом доранд? Чаро ҷавонон дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид мешаванд? Чаро ҳаракати ҷамъиятии «Ҷавонон - пайравони Пешвои миллат» таъсис дода шуд? Чаро ҷавонони ватандӯсту миллатпарвар мехоҳанд чун Пешвои миллат бошанд?

Ба ин монанд, чанд ҷанбаи дигари муносибати Пешвои миллат ба ҷавонон ва ҷавонон нисбат ба Пешвои миллатро бахшида ба Рӯзи ҷавонон таҳлил хоҳем кард.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки насли мо шояд ҷавонтарин насле буд, ки масъулиятҳои бузурги давлатдориро бар дӯш гирифт. Мо ҷавонони аз истиқлолият рӯҳбаландшуда ба корҳои ҷамъиятӣ муҳаббати зиёд доштем, вале дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ аз кори давлатӣ то андозае ҳарос ҳам доштем. Дар аввали солҳои 90-уми асри XX ба кори ҳизбӣ ва давлатӣ кам касон майл мекарданд.

Бо пайдо шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи сиёсат мо низ ҷуръат пайдо кардем, ки ба фаъолияти сиёсии амалӣ ворид шавем. Ҳамсоли мо будани Сарвари давлати ҷавони тоҷикон ба мо рӯҳу илҳом бахшид. Масалан, маро водор сохт, ки даъвати Дастгоҳи Президентро қабул намуда, ба Сармушовирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистони навистиқлол, вале ҷангзадаву харобгашта равам.

Он вақт қариб ҳамаи мо ҷавон будем. Хирадмандоне чун Изатулло Ҳаёев, Талбак Назаров, Султон Мирзошоев, Оқил Оқилов, Маҳмадсаид Убайдуллоев, Қозидавлат Қоимдодов, Хӯҷаахмад Ҳидиралиев, Абдулмаҷид Достиев, Айниддин Неъматов, Рафиқа Мусоева, Давлаталӣ Давлатов, Саттор Турсун, Каримҷон Юлдошев, Бобохон Маҳмадов, Бозгул Додихудоева, Мунира Иноятова, Сафаралӣ Раҷабов, Ҷамолиддин Мансуров, Юрий Поносов ва даҳҳо нафари дигар, ки таҷрибаи роҳбариву кори давлатиро доштанд, бо шуҷоати хос фаъолиятро оғоз карданд.

Мо - ҷавонони камтаҷриба, вале таҳсилкарда, аз ҷумла Саймурод Фаттоҳзода, Мизроб Кабиров, Қурбон Расулов, Хушқадам Давлатқадамов, Маҳмадулло Наимов, Абдураҳмон Маҳмадов ва садҳо нафари дигар низ бо садоқату ғайрати ватандӯстона ба кор пардохтем ва ҳифзи Ватанро аз ҳама болотар гузоштем. Аз манфиатҳои шахсӣ, маҳаллӣ ва гурӯҳӣ даст кашидем. Худфидоӣ барои Ватан барои ҳар яки мо хос буд.

Пиёда аз як гӯшаи шаҳр ба гӯшаи дигар ба кор рафтан, зери тирборон аз кор баргаштан, миёни кӯчаҳои тангу назди биноҳои баландошёна паноҳ бурдан, бегоҳ аз мағоза нону гӯшт наёфтан ва моҳҳо маош нагирифтан аз ҷумлаи хотираҳои талхе ҳастанд, ки то имрӯз фаромӯш нашудаанд.

Ҳанӯз 17 марти соли 1994 нахустин мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон ба ҳайси Сарвари давлат ва Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анҷумани якуми Иттифоқи ҷавонон баргузор гардид. Дар он мулоқот масъалаҳои хомӯш кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, сарҷамъ намудани ҷавонон ва сафарбар сохтани онҳо ба корҳои созандагӣ матраҳ гардиданд.




Умуман, бояд гуфт, ки кор бо ҷавонон барои Президенти кишвар ҳамеша аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Пешвои миллат таваҷҷуҳ ба ҷавононро ғамхорӣ ба ояндаи миллат ва таҳкими давлатдорӣ медонистанд ва амалия ин гуфтаҳоро собит намуд.

Бо мақсади дастгирии ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим, таъмин бо ҷойи кор, дарёфт ва ҳавасманд намудани истеъдодҳои ҷавон, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, таъсиси мақоми махсуси давлатӣ зарур гардид.

Дар ин замина, моҳи майи соли 1997 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон карда шуд.

Президенти кишвар ҷавононро неруи созандаву бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишвар эълон намуданд. Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст. Тибқи таҳлилҳои Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид, Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои ҷавон ба ҳисоб меравад ва синни миёнаи аҳолии он 22,5 солро ташкил медиҳад. Зиёда аз 70 фоизи аҳолии кишварро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёфта, даҳҳо санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ қабул гардиданд.

Президенти кишвар бо мақсади баланд бардоштани шавқу рағбати ҷавонон ба омӯзиши илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, инчунин дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, стипендия ва ҷоизаҳои гуногун таъсис доданд.

Аз ҷумла, моҳи феврали соли 1998 стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагону донишҷӯён ва моҳи марти ҳамон сол ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон таъсис дода шуд.

То соли 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардиданд. Ин иқдом барои ҷалби ҷавонон ба илмҳои муосир заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ин муддат шумораи квотаҳои президентӣ аз 200 ба 1252 расонида шуд. Ҳоло ҳар сол 12 нафар олимони ҷавон соҳиби ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ мегарданд.

Бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат ҷавонони зиёде аз ҳисоби бурсияҳои байналмилалӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таҳсил менамоянд. Инчунин, стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» таъсис дода шуд.

Имрӯз зиёда аз 45 ҳазор нафар донишҷӯёни тоҷик дар хориҷи кишвар таҳсил доранд. Ҳадафи асосӣ - омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳонӣ мебошад.

Президенти мамлакат борҳо таъкид намудаанд, ки ояндаи давлат аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҷавонон вобаста аст. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд илмҳои муосир ва забонҳои хориҷиро омӯзанд.

Бо мақсади дастгирии донишҷӯён ва ҷавонони лаёқатманд солҳои охир ҳаҷми стипендияҳо зиёд карда шуд. Барои донишҷӯдухтарони аз ноҳияҳои дурдаст таҳсилкунанда квотаҳои президентӣ таъсис дода шуданд, ки баъдан писарон низ ба он фаро гирифта шуданд.

Дар тӯли 25 соли амалӣ гардидани квотаи президентӣ беш аз 22 ҳазор нафар ҷавонон ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дохил шуданд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ 86 хобгоҳи замонавӣ барои донишҷӯён ва аспирантҳо сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Агар соли 1992 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекард, имрӯз шумораи онҳо ба 48 расидааст. Дар онҳо зиёда аз 265 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекунанд.

Дар минтақаҳои гуногуни кишвар муассисаҳои нави таҳсилоти олӣ таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии Хоруғ, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар Рашт, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон ва даҳҳо муассисаҳои дигар фаъолияти худро оғоз намуданд.

Ҳамзамон, барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ бо Федератсияи Россия як қатор донишгоҳҳо ва филиалҳои муштарак таъсис дода шуданд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 2500 муассисаи нави таълимӣ сохта шуд. Барои хонандагони болаёқат мактабҳои президентӣ, гимназияҳо ва литсейҳо таъсис ёфтанд.

Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 қабул гардида, дар назди шуъбаҳои маориф марказҳои рушди истеъдодҳо ташкил шуданд.

Натиҷаҳои ин иқдомҳо назаррасанд. Агар соли 2011 хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои байналмилалӣ 96 ҷоиза гирифта бошанд, пас соли 2019 онҳо соҳиби 251 медал гардиданд.

Бо мақсади рушди фарҳанг ва китобхонӣ озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» ва «Илм - фурӯғи маърифат» роҳандозӣ гардиданд.

Ҷиҳати дастгирии маънавии наврасону ҷавонон якчанд шабакаҳои нави телевизионӣ, аз ҷумла «Сафина», «Баҳористон», «Варзиш», «Футбол» ва «Илм ва табиат» таъсис дода шуданд.

Пешвои миллат таъкид намудаанд: «Ҳадафи мо аз тамоми тадбирҳои амалигардида ин аст, ки насли оянда бесавод намонад. Зеро яке аз сабабҳои асосии гароиши ҷавонон ба хурофот ва ифротгароӣ маҳз бесаводист».

Воқеан ҳам, ҷаҳолат ҷомеаро ба қафомонӣ мебарад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани маърифати ҷавонон вазифаи аввалиндараҷа мебошад.

Президенти кишвар борҳо таъкид кардаанд, ки танҳо бо роҳи донишандӯзӣ ва тарбияи дурусти ҷавонон метавон ҷомеаи пешрафта бунёд намуд.

Барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои ҷавонон соли 2015 Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Мо умед дорем, ки ҷавонони Тоҷикистон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа минбаъд низ дар ҳифзи сулҳу ваҳдат, суботи сиёсӣ ва рушди давлат саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Мо, омӯзгорони мактабҳои олӣ, ба ҷавонони имрӯза боварии комил дорем. Онҳо ҷавонони фаъол, созанда ва ватандӯст мебошанд. Ҳадафҳои стратегии давлатро хуб дарк намуда, барои амалӣ гардидани онҳо кӯшиш мекунанд.

Дастовардҳои ҷавонони ДДМИТ дар соли 2026 низ моро ба ин гуфтаҳо боз ҳам бештар дилпур мегардонанд.

**Сайфулло**
**Сафар САЪДУЛЛОЗОДА,**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**устоди ДДМИТ**

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН:
## АЗ ИМКОНОТИ ИҶТИМОӢ ТО РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ НАСЛИ СОЗАНДА

*Дар марҳилаи нави давлатсозии Тоҷикистон масъалаи ҷавонон ба меҳвари асосии сиёсати давлатӣ роҳ ёфт. Дар ин раванд, нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёрҷанба ва ҳалкунанда арзёбӣ мегардад. Махз бо ташаббус ва сиёсати дурбинонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои устувори ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи имконоти иҷтимоии ҷавонон гузошта шуданд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа қабул гардида, марҳила ба марҳила такмил ёфта, мавриди татбиқ қарор гирифтанд.*



Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ҳамчун нерӯи созандаи ҷомеа ва сармояи стратегии давлат муаррифӣ намуда, дар суханрониҳо ва паёмҳои худ пайваста таъкид мекунанд, киояндаи кишвар аз сатҳи дониш, маърифат ва масъулияти ҷавонон вобастагии амиқ дорад. Ин дидгоҳ заминаи ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон гардид, ки имрӯз ба як низоми мукаммали дастгирии иҷтимоӣ табдил ёфтааст.

Айни ҳол масъалаи таъмини баробарии имкониятҳо барои ҳамаи қишрҳои ҷавонон, новобаста ба ҷинс, маҳалли зист ва вазъи иҷтимоӣ аҳамияти хоса касб намудааст. Дастгирии ҷавонони деҳот, шахсони имконияташон маҳдуд ва гурӯҳҳои осебпазир тавассути барномаҳои махсуси иҷтимоӣ ба кохиши нобаробарӣ ва таҳкими адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ин раванд ҷиҳати ташаккули ҷомеаи мутаносиб ва устувор замина мегузорад.

Ҳоло, ки ҷаҳон ба сӯи технологияҳои рушдкарда шитоб дорад, нақш ва мақоми ҷавонон ба сифати нерӯи асосии пешбарандаи ҷомеа беш аз ҳарвақта муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дарки амиқи ин воқеият сиёсати давлатии дастгирии ҷавононро ба яке аз самтҳои асосии рушди миллӣ табдил додааст. Ин сиёсат на танҳо маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ, балки як низоми мукаммали ташаккули шахсият, рушди қобилиятҳо ва таъмин намудани иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа мебошад.Чунин ба назар мерасад, ки ҷавонон на танҳо идомадиҳандаи анъанаҳои миллӣ, балки офарандагони фардои давлат мебошанд. Аз ҳамин лиҳоз, таваҷҷуҳи давлат ба ин қишри ҷомеа як иқдоми тасодуфӣ набуда, балки зарурати таърихист.

Қабули қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Стратегияи давлатии сиёсати ҷавонон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, заминаи устувори ҳуқуқиро барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон фароҳам овардааст. Ин ҳуҷҷатҳо на танҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои ҷавононро муайян мекунанд, балки роҳҳои амалии татбиқи имкониятҳои онҳоро низ нишон медиҳанд.

Дар ин замина, яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ фароҳам овардани имкониятҳои баробар баҳри таҳсил ва рушди касбӣ мебошад. Дар солҳои охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ афзоиш ёфта, имкони дастрасӣ ба таҳсилоти босифат васеъ гардидааст. Дар ин баробар, шароити васеи гирифтани таҳсилот дар хориҷи мамлакат фароҳам оварда шудааст, ки солона ҳазорон нафар ба хориҷа фиристода шуда, дорои тахассусҳои муосири бозори меҳнат мешаванд.

Илова бар ин, масъалаи шуғли ҷавонон низ дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҳукумати мамлакат қарор дорад. Ташкили ҷойҳои нави корӣ, дастгирии соҳибкории ҷавонӣ, таъсиси марказҳои рушди малакаву истеъдодҳо имконият медиҳанд, ки ҷавонон на танҳо корҷӯ, балки корофарин бошанд. Ба ин васила, иқтисоди миллӣ низ нерӯи тоза ва навоварона касб мекунад. Дастгирии стартапҳо, рушди паркҳои технологӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавон дар соҳаҳои муосир далолат бар он мекунанд, ки сиёсати ҷавонон ба оянда нигаронида шудааст.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон низ дар радифи кишварҳои рушдкардаву рӯ ба рушд бештар ба фароҳамсозии имкониятҳои нав дар фазои рақамӣ нигаронида шудааст. Ташкили платформаҳои омӯзиши онлайн, рушди технологияҳои рақамӣ ва дастгирии ихтироъкориву стартапҳои технологӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир бошанд. Ин раванд на танҳо доираи сатҳи касбияти ҷавононро васеъ мегардонад, балки заминаи ташаккули иқтисодиёти донишбунёдро низ фароҳам меорад.

Дар ин радиф, яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати иҷтимоиву ҷавонон ҳамоҳангсозии фаъолияти институтҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Созмонҳои ҷавонон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои рушди истеъдодҳо дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ нақши муассир доранд. Ин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки ташаббусҳои ҷавонон дастгирӣ ёбанд ва онҳо ҳамчун субъекти фаъоли ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад намоянд.

Зимнан, сиёсати давлатии ҷавонон танҳо ба масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ маҳдуд намешавад. Он фарогири ҷанбаҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва тарбиявӣ низ мебошад. Тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои таърихию фарҳангӣ яке аз ҳадафҳои асосии ин сиёсат аст. Дар ин замина, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, озмунҳо, фестивалҳо ва форумҳои ҷавонон нақши муҳим доранд. Онҳо на танҳо майдони муаррифии истеъдодҳо, балки фазои муболилаи афкор ва таҳкими ваҳдати миллӣ мебошанд.

Ҳамзамон, таваҷҷуҳ ба саломатии ҷавонон, тарзи ҳаёти солим ва рушди варзиш низ дар кишвар рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Бунёди иншооти гуногуни варзишӣ, ташкили мусобиқаҳо ва дастгирии варзишгарон аз ҷумлаи тадбирҳоеанд, ки ба ташаккули ҷомеаи солим мусоидат мекунанд.

Имрӯз ҷавонони тоҷик дар шароите фаъолият мекунанд, ки барои рушд, таҳсил, кор ва худшиносии имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудаанд. Вале истифодаи самараноки ин имкониятҳо аз худи ҷавонон вобаста буда, масъулияти онҳоро дар назди ҷомеа ва давлат бештар мегардонад. Зеро маҳз ҷавононанд, ки сиёсати созандаи имрӯзаро ба фардои дурахшони миллат табдил медиҳанд.

Ғайразин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷавонон метавонанд ҳамчун намояндагони фарҳанг ва арзишҳои миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ баромад намоянд. Иштироки онҳо дар барномаҳои мубодилаи байналмилалӣ, форумҳо ва лоиҳаҳои муштарак ба густариши робитаҳои фарҳангиву илмӣ мусоидат мекунад. Ин раванд на танҳо доираи ҷаҳонбинии ҷавононро васеъ менамояд, балки имиҷи мусбати кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ таҳким мебахшад.

Қобили қайд аст, ки дар умум, сиёсати давлатии дастгирии ҷавонон дар Тоҷикистон ба як низоми мукаммали рушд табдил ёфтааст, ки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷавононро фаро мегирад. Ин сиёсат на танҳо ба беҳтар намудани шароити иҷтимоии онҳо равона шудааст, балки ҳадафи аслӣ – тарбияи насли соҳибмаърифат, ватандӯст ва созандаро дар пай дорад.

Агар моҳияти сиёсати бисёрсамтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш, таҳлил, муқоисакунонӣ, ояндanазарӣ ва хулосабарорӣ қарор диҳем, ба натиҷае мерасем, ки самараи ин сиёсат бунёди як зиндагонии шоиста барои насли ҷавони имрӯза фардо ва ба мерос гузоштани як Тоҷикистони пешрафтаву қудратманд мебошад.

Ҳамакнун, ки Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушди худ қарор дорад, масъулияти ҷавонон низ бештар мегардад. Онҳо бояд аз имкониятҳои фароҳамшуда самаранок истифода бурда, дар таҳкими давлатдорӣ, рушди иқтисод ва ҳифзи арзишҳои миллӣ саҳми арзандаи худро гузоранд. Зеро ояндаи миллат на танҳо дар дасти ҷавонон, балки дар сатҳи андешаву амал ва масъулияти онҳо таҷассум меёбад.

**Абдулло ДАВЛАТЗОДА,**
**омӯзгори ДДМИТ**

## РУШДИ МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ

# РУШДИ ҲАМКОРИҲО БО МАРКАЗИ ИЛМ ВА ФАРҲАНГИ РОССИЯ

13 майи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маросими расмии тақдими китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ баргузор шуд. Ин иқдом аз ҷониби Маркази илм ва фарҳанги Россия дар шаҳри Душанбе дар доираи дастгирии шабакаи фазои русӣ дар Тоҷикистон амалӣ гардид. Дар чорабинӣ директори Маркази илм ва фарҳанги Россия дар шаҳри Душанбе Андрей Патрушев, ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов ва муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Парвиз Ғафуров иштирок карданд.



Дар чараёни вохӯрӣ ҷонибҳо санади қабул ва интиқолро имзо гузошта, аҳамияти ин ташаббусро барои рушди муҳити таълимӣ ва фарҳангӣ қайд карданд.

Дар маҷмуъ, зиёда аз 1200 нусха адабиёт интиқол дода шуд. Иштирокчиён аҳамияти ҳамкории минбаъдаро таъкид намуда, изҳори боварӣ карданд, ки китобҳои супоридашуда дар раванди таълим фаъолона истифода бурда, ба омӯзиши забони русӣ, густариши ҷаҳонбинии фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии баштардӯстонаи донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Маҷмуи китобҳои пешниҳодшуда доираи васеи адабиёте мебошад, ки ба омӯзиши забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ ва шиносоии амиқ бо фарҳанги русӣ равона шудааст. Ба он асарҳои адабиёти классикии муаллифон, ба монанди Пушкин, Достоевский, Толстой, Чехов, Лермонтов, инчунин, китобҳои нависандагони муосир, аз ҷумла Водолазкин, Пелевин ва Семенов шомил мебошанд. Бисёре аз онҳо барои сатҳҳои гуногуни донистани забон мутобиқ карда шудаанд ва бо барномаҳои таълимӣ мутобиқ карда шудаанд. Қисми зиёди маводҳои интиқолёфтаро дастурҳои махсуси таълимӣ оид ба имло, фонетика ва рушди нутқ, нашрияҳои мултимедиявӣ бо маводҳои рақамӣ, инчунин адабиёти фарҳангӣ, ки ба таърих, санъат, меъморӣ ва анъанаҳои Русия бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки Маркази илм ва фарҳанги Россия адабиёти таълимӣ, методӣ ва бадеиро ба муассисаҳои таълимӣ ва китобхонаҳои кишвар ба таври доимӣ интиқол дода, дар рушд ва дастгирии забони русӣ дар Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад.

**Шуъбаи иттилоот**
**ва нашрия**

## (БА МУНОСИБАТИ 30-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН)

# ҲАР КӢ РАҲ ПАЙМУД, ҶОЙЕ МЕРАСАД



**«…Вазифаи зиндагиноманавис бисёр душвор аст, зеро агар ҳақиқатро бинависад, инсонро меранҷонад ва агар дурӯғ бинависад, Худоро».**

**Андре Малро**

Ҳар шахсе, ки синнаш аз ним аср убур мекунад, хоҳиши онро дорад, ки рӯзҳои кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонии худро чун навори кино аз хотироташ гузаронад ва агар тавонад, онро рӯи авроқи сафед сабт намояд. Бо навиштани он рӯзҳо инсон гӯё хумори дилро мешиканад ва аз хотироҳои гузашта лаззат мебарад.

Банда борҳо хотироти айёми наврасӣ ва ҷавониамро навишта, дар рӯзномаҳо ба нашр расонидаам. Камина, ки дар хонадони шоир Наимҷон Назирӣ ба камол расидаам, хотироти рангину фаромӯшнопазир бисёр дорам. Ҳамеша дар кулбаи хоксоронаи падарам аҳли зиё - шоирону нависандагон, олимону хофизон ҷамъ меомаданд ва хонаамон базми шеъру сурудро мемонд.

Ин навбат меҳоҳам хотироҳои худро вобаста ба донишгоҳи азизам - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон варақгардон намоям. Соли равон дар баробари таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азиз, ҳамчунин 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Ба ҳам омадани ин ду ҷашни бузург фоли нек аст. Аз ин рӯ, меҳоҳам чанд сухан дар бораи он солҳои хотирмон ба айёме, ки ба ин даргоҳи муқаддаси илму маърифат пайвастам, баён намоям.

Соли 2001 ба собиқ Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ ба кор омадам. Ректори ин даргоҳ инсони нексиришт, фурӯтан ва хушгуфтор Д. Гулмирзоев буданд. Кафедрае, ки банда фаъолияти омӯзгориамро дар он оғоз намудам, таҳти роҳбарии адабиётшинос, шарқшинос ва мунаққиди барҷаста, профессори зиндаёд Худойназар Асозода қарор дошт.

Донишкада он замон дар кӯчаи Дӯстии халқҳо ҷойгир буд. Кафедраи мо бо номи кафедраи забонҳо ёд мешуд, зеро дар он устодон аз чор забон - тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва алифбои ниёгон дарс мегуфтанд. Дар маҷмӯъ, дар кафедраи забонҳо 75 нафар устодон дар ду баст фаъолият мекарданд. Кафедра дорои се утоқи корӣ буд ва китобхонаи хубе низ дошт, ки дар он китобҳои нодир аз ҷониби устодон ҷамъоварӣ гардида буданд.

Равонашон шод бод, устод Х. Асозода ҳамеша дар маҷлисҳо таъкид менамуданд, ки мо ҷавонон дар баробари фаъолияти педагогӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ машғул шуда, рисолаҳои номзадӣ нависем ва ҳимоя намоем. Барои ҳар як омӯзгор шароит муҳайё карда мешуд, то ки корҳои илмии худро ба анҷом расонанд. Албатта, ин яке аз муваффақиятҳои муҳими кафедра ба ҳисоб мерафт. Дар замони мудирии шодравон Х. Асозода ҷавонони зиёде унвонҷӯ шуданд ва баъдан рисолаҳои худро сарбаландона ҳимоя намуданд.

Кафедраи мо бисёр аҳлу тифоқ буд. Дар он устодон Л. Абидова, О. Ҳамидова, С. Муъминова, З. Салохова, Ш. Мирзоева, Л. Абдухоликзода, З. Ахмедова, С. Тиллоева, Б. Ҳасанова, Б. Одинаева, Р. Восиева, К. Идибекова, М. Ҷӯраева, С. Собирова, Б. Асоева, П. Асоев, М.А. Диловаров, Б. Қодирова, М.М. Диловаров, Н. Сироҷова, В. Салохиддинов, Ф. Султонов, М. Сироҷов, С. Гадоев, Э. Азимов, З. Каримова, М. Бодомаев, Х. Назаров, З. Саидов ва дигарон фаъолият мебурданд. Инҳо касонеанд, ки дар хотираи ман нақши фаромӯшнопазир гузоштаанд. Бархе аз ин устодон имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд. Рӯҳашон шод ва манзили охираташон обод бод!

Дар ҳар иду ҷашн аҳли коллектив ҷамъ омада, бо роҳбарии устод Х. Асозода ба ҷойҳои таърихиву фарҳангии кишвар мерафтем. Ҳадаф аз ин сафарҳо васеъ намудани ҷаҳонбинии ҷавонон буд. Мо аз осорхонаҳо, хона-музейҳо, оромгоҳи бузургон дар Лучоб, Боғи Айнӣ, Қалъаи Ҳисор ва дигар маконҳои таърихиву фарҳангӣ дидан мекардем. Дар сари маркади адибону олимон гулдаста мегузоштем ва шеърҳо қироат намуда, рӯҳи онҳоро шод мегардонидем. Ин сафарҳо моро боз ҳам бештар ба ҳам наздик мекарданд.

Камина аспиранти Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АМИТ будам. Моҳи апрели соли 2004 дар ҳамин муассиса рисолаи номзадии худро таҳти унвони «Симои Садриддин Айнӣ дар насри муосири тоҷик» зери роҳбарии профессор Х. Асозода сарбаландона ҳимоя намудам. Аъзои шуро ба рисола баҳои баланд доданд.

Моҳи феврали соли 2005 устод Х.Асозода ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ таъин шуданд. Банда ба ҳайси мудири кафедраи забонҳо интихоб гардидам. Масъулияти хеле бузург бар дӯши ман гузошта шуд, зеро роҳбарӣ кардани коллективи 75-нафара кори осон набуд.

Ростӣ, аз ин таъйинот бехабар будам. Рӯзе ҳангоми дарс маро ба кафедра даъват карданд. Вақте вориди маҷлисгоҳ шудам, дидам, ки ректори донишкада Д. Гулмирзоев, устод Х. Асозода ва мудири шуъбаи таълим Р. Маҳмадшоев нишастаанд ва чандин нафар устодон ҷамъ омадаанд. Д. Гулмирзоев баъд аз орзуи комёбӣ ба устод Х. Асозода, мудирии маро эълон намуданд. Аз ин хабар ҳайратзада шудам. То чанд моҳ ҳатто дар курсии устод нанишастам. Ба худ мегуфтам: «Дар ҷойи чунин шахсияти бузург чӣ гуна метавон нишаст?» Устодон Л. Абидова, С. Муъминова ва О. Ҳамидова маро чун фарзанд насиҳат мекарданд, ки ин гуна рафтор накунам.

Моҳи майи соли 2005 аз Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон мактуб омад, ки бояд дар намоиши китоб иштирок намоям. Ҳамин тавр, ба муддати даҳ рӯз ба Эрон сафар кардам. Ин сафарро бо шоирон Гулрухсор, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Латофат Кенҷаева, Ҳайрандеш, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ бо ҳамсарашон Дилафрӯзбону, профессорон Мирзо Муллоаҳмадов, Сафар Сулаймонӣ, Шаҳбоз Кабиров, ҳунарманд Қурбони Собир ва чанде дигарон анҷом додем.

Ҳар рӯз баъди намоиш моро ба ҷойҳои таърихии Эрон мебурданд. Конфронсҳои илмиву адабӣ низ баргузор мегардиданд, ки аз бахсу гуфтугӯҳои хотирмон саршор буданд. Хотираҳои ин сафарро баъдан дар мақолае бо номи «Сайри гулбоғи Эрон» дар рӯзномаи шаҳрӣ нашр намудам.

Қариб ду сол ба ҳайси мудири кафедраи забонҳо фаъолият намудам. Сипас, бо мақсади идомаи кори илмӣ ва навиштани рисолаи докторӣ аз вазифа истеъфо додам. Аввал ректор К.С. Комилов ба аризаам имзо накарданд. Баъдан шодравон Б. Қодиров, ки муовини ректор оид ба таълим буданд, маро даъват намуда, сабаби истеъфоро пурсиданд. Вақте гуфтам, ки мехоҳам рисолаи докторӣ нависам, гуфтанд: «Агар воқеан мақсадатон илм бошад, мо монеъ намешавем». Баъд аз ин аризаам қабул гардид ва мудирии кафедра ба дотсент М. Раҳмонов супорида шуд.

Дар ин муддат, дар баробари таълиму тарбияи донишҷӯён, онҳоро дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва зиракии сиёсӣ тарбия менамудам.

Бо мурури замон донишкада биноҳои наву замонавӣ бунёд намуда, ба шаҳраки Гипрозем кӯчид. Дар ин раванд фанни алифбои ниёгон аз барнома хориҷ гардид. Кафедраи забонҳо низ ба се кафедраи мустақил - кафедраи забони тоҷикӣ, кафедраи забони русӣ ва кафедраи забони англисӣ ҷудо карда шуд.

Соли 2011 дар Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АМИТ таҳти роҳбарии профессор Х. Асозода рисолаи доктории худро сарбаландона ҳимоя намудам. Олимони шинохтаи кишвар ба рисола баҳои баланд доданд. Академикон М. Шакурӣ, К. Айнӣ, Х. Отахонова ва профессорон Х. Шарифу Ф. Зикриёев арзиши илмии онро махсус таъкид намуданд. Хурсандии ман ҳадду канор надошт.

Бояд гуфт, ки камина аввалин занбону дар донишгоҳ ҳастам, ки аз зинаи омӯзгори калон то ба дараҷаи доктори илми филология расидаам. Соли 2012 Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия барои рисолаи доктории ман таҳти унвони «Андешаҳои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ» дипломи доктори илмҳои филологияро тақдим намуд.

Хушбахтона, солҳои охир мебинам, ки ҳимоякунандагони рисолаҳои илмӣ аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ хавасманд гардонида мешаванд. Ин албатта, барои пешрафти илм таъсири мусбат мерасонад.

Боиси ифтихор аст, ки ректори муҳтарам Сатторзода Бобоҷон ҷавони кадрдон, масъулиятшинос, одил ва гавҳаршинос мебошанд. Ҷаноби Олӣ борҳо таъкид намудаанд, ки: «Вазифаро ман медиҳам, аммо обрӯро инсон худ дар байни мардум пайдо мекунад». Воқеан ҳам, эшон тавонистаанд дар байни кормандон обрӯ ва эҳтироми баланд пайдо намоянд.

Баъдан ба кафедра устодон С.Сафаров, Ҳ.Қурбонов, Ш.Гулов, С.Собирҷонов, И.Мирзоев, С.Муҳаммадиева ва Б.Раҳимзода ба фаъолият пайвастанд. Пас аз 19 соли мудирӣ устод М.Раҳмонов вазифаро ба номзади илмҳои филология, дотсент М.Ҳасанова супориданд. Дар давраи роҳбарии эшон кафедра ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Ман хушнуду сарфарозам, ки дар тӯли фаъолияти омӯзгориам шогирдони зиёдеро тарбия намудаам. Имрӯз онҳо дар тамоми соҳаҳои кишвар фаъолият дошта, саҳми арзандаи худро дар рушди ҷомеа мегузоранд.

Устод Х.Асозода борҳо таъкид мекарданд, ки асосгузори кафедраҳои гуманитарӣ профессори зиндаёд Қурбон Бобоев мебошанд. Пас аз даргузашти эшон профессор Х.Асозода китобе бо номи «Ёде аз дӯсти ҷавонмард» (Душанбе, 2002)-ро ба нашр расониданд. Дар чунин рӯзҳои таърихӣ ёдоварӣ аз поягузорони донишгоҳ бисёр муҳим мебошад.

20 декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳ бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави таълимии донишгоҳро бо тамоми шароити замонавӣ мавриди истифода қарор доданд. Ин бино бо мақсади баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат бо сифати баланд бунёд гардидааст.

Аз 40 соли фаъолияти меҳнатии ман, 25 солаш дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон сипарӣ шудааст. Дар ин муддат донишкада ба донишгоҳ табдил ёфт, чанд маротиба тағйири ном кард ва аз соли 2001 то имрӯз 10 ректор онро роҳбарӣ намуданд: Г.Д. Гулмирзоев, К.С. Комилов, О.Б. Бобоев, Н.Ф. Нидоев, Р.М. Мирбобоев, А.А. Солехзода, Қ.Қ. Давлатзода, Ш.Қ. Хайрзода, Ҳ.А. Абдуалимзода ва имрӯз Сатторзода Бобоҷон.

Бояд гуфт, ки Сатторзода Бобоҷон ҷавони кордон, дурандеш, кадрдон ва масъулиятшинос мебошанд. Эшон нисбати омӯзгорон ғамхорӣ намуда, дар ҳар иду ҷашн кормандонро қадрдонӣ мекунанд, то фаъолияти онҳо боз ҳам беҳтар гардад.

Аз адиби турк Нозим Ҳикмат пурсидаанд: «Хушбахтӣ чист?» Ӯ ҷавоб додааст: «Агар субҳ аз хоб бархезиву бо шавқу рағбат ба коргоҳе равӣ, ки дӯсташ медорӣ ва аз он лаззат барӣ ҳамин хушбахтӣ аст».

Оре, банда низ ҳар субҳ бо рӯҳияи болида ба донишгоҳи азизам меоям. Ҳангоми ворид шудан ба донишгоҳ, пеш аз ҳама, Парчами давлатии Тоҷикистони азизамон маро истиқбол мегирад. Саҳни донишгоҳ тозаву озода, фавворахо, нишастгоҳҳо, сухбаткадахо ва дарахтони сарсабз ба ҳусни он ҳусни дигар зам менамоянд ва беихтиёр байти машҳур ба хотир мерасад:

**Агар фирдавс дар рӯи замин аст,**
**Ҳамин асту ҳамин асту ҳамин аст.**

Оре, ин Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аст.

Камина маҳз дар ҳамин боргоҳи илму маърифат барои хизматҳои содиқонаам аз дасти муборакӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидаам. Ҳамчунин бо нишони «Аълочии маориф» ва «Аълочии матбуот» қадрдонӣ шудаам. Даҳ маҷмӯаи илмӣ ва таълимии ман ба нашр расида, зиёда аз сад мақолаи илмӣ, публитсистӣ ва оммавӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудаанд.

Хулоса, рӯзҳои наздик 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон яке аз донишгоҳҳои бонуфузи кишвар бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад. Дар ин фосилаи начандон тӯлонии таърихӣ ин даргоҳи илму маърифат ҳазорҳо мутахассисони баландихтисосро тарбия намудааст. Имрӯз хатмкардагони он дар тамоми соҳаҳои кишвар фаъолият намуда, дар пешрафти Тоҷикистони азиз саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Дар ин рӯзҳои таърихӣ ба ректори муҳтарам Б.Сатторзода ва дар симои эшон ба тамоми омӯзгорону кормандони донишгоҳ дар корҳои минбаъдаашон муваффақият ва сарбаландӣ орзу менамоям.

Бигузор ҳамаи мо баҳри боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори донишгоҳи азизамон аз як гиребон сар барварда, бо ҳисси масъулият ва ватандӯстӣ фаъолият намоем. Мутмаинам, ки ба ҳамаи ҳадафҳои некамон сарбаландона хоҳем расид.

**Наргис АСЛОНОВА,**
**профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ**

**Тавре сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - president.tj иттилоъ медиҳад, санаи 26 май дар шаҳри Душанбе Конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал: «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ба кори худ оғоз намуд, ки он то 28 май идома ёфт. Дар ифтитоҳи ин ҳамоиши бузург Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд. Ба иттилои Сарвари давлат, имрӯз зарурати гузариш ба марҳалаи нави ҳамкории ҷаҳонӣ дар соҳаи об ба миён омадааст. Ба ин мақсад пешниҳод гардид, ки «Чаҳорчӯби Душанбе барои об» таъсис дода шавад. Ин чаҳорчӯб метавонад заминаи мусоидро барои ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии талошҳои муштарак ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои амалӣ муҳайё созад.**



# ОБ - СИЁСАТИ ҲАСТӢ ВА ИМТИҲОНИ ВИҶДОНИ ҶАҲОНӢ

## Дипломатияи об: аз ташаббуси миллӣ то масъулияти глобалӣ

Ва ахиран, пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни баргузории ҳамоиши «Чаҳорчӯби Душанбе барои об» идомаи мантиқии ҳамин сиёсат аст: фароҳам овардани платформае барои ҳамоҳангсозии талошҳои давлатҳо, созмонҳо ва ҷомеаи илмӣ мебошад, ки қодир аст, то гуфтугӯи ҷаҳониро сари масоили об на танҳо ташкил ва фароҳам созад, балки дар ҳалли ин мушкили умдаи глобалӣ фаротар дастёб гардад.

Аз сӯи дигар. дар ин доира аз ҷониби Президенти мо пешниҳод гардидани таъсиси «Чаҳорчӯби Душанбе барои об» далели он аст, ки Тоҷикистон аз марҳилаи ташаббус ба марҳилаи ташаккули низоми ҳамкорӣ гузашта истодааст.

Ин қадамест дар роҳи ташаккули як низоми ҳамкории глобалӣ дар соҳае, ки ба ҳар як инсон дахл дорад. Чунки об моро ба ҳам мепайвандад. Ва маҳз ҳамин пайванд моро водор месозад, то дар баррасии ин гуна масоили мубраму глобалӣ муттаҳид, ташаббускор ва дурбандеш бошем. Чунки дар ҳоли ҳозир об дигар танҳо як неъмати табиӣ нест, балки он яке аз муҳимтарин омилҳои амнияти глобалӣ шинохта шудааст.

Дар идомаи суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон намуданд, ки «мо бо мақсади пешбурд ва тақвияти дипломатияи об ва муттаҳид кардани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ояндаи устувор ва бехатар Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об таъсис додем».

Тавре таъкид гардид, ин ҷоиза барои эътироф намудани саҳми барҷаста дар рушди ҳамкории байналмилалӣ, таҳқиқоти илмӣ, сиёсати устувори об ва пешбурди роҳҳои ҳалли муассири мушкилоти ҷаҳонии об нигаронида шудааст. Ва низ эътироф бояд кард, ки таъсиси ҷоизаи байналмилалӣ дар соҳаи об, ки ба номи Президенти кишвар марбут аст, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ падидаи ғайриодӣ нест.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об як иқдоми рамзӣ ва ҳамзамон амалӣ мебошад. Дар ҷаҳони муосир, чунин ҷоизаҳо нақши муҳим дар ҳавасмандсозии олимон, сиёсатмадорон ва фаъолон мебозанд.

Барои ҷомеаи Тоҷикистон муҳим он бояд бошад, ки ин ҷоиза саҳмҳои бузургро дар ҳалли масоили глобалии сайёра эътироф ва ҳамзамон, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи об ҷалб намуда, давлату созмонҳои байналмилалиро ба рушди бештари ҳамкориҳои гуногунсамту гуногунсатҳ ташвиқ месозад.

Зимнан, дар ҷаҳон даҳҳо ҷоизаҳо ба номи шахсиятҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ вуҷуд доранд, ки ба рушди илм, сулҳ ва ҳамкорӣ саҳм гузоштаанд. Вале бо назардошти он ки дар ҷаҳони иқлимаш ҳамеша тағйирёбанда афзоиши аҳолӣ ва нобаробарии захираҳо мушкилоти обро ба яке аз масъалаҳои калидии асри XXI табдил додааст, ки ташаббусҳои байналмилалӣ дар ин самт на танҳо ийтикори сиёсӣ, балки рисолати инсондӯстона ва нодир мебошанд.

Дар ин моваро, ташаббусҳои пайдарпайи байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об, шуруъ аз «Соли байналмилалии оби тоза» (2003) то Даҳсолаи байналмилалии «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018–2028» нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар арсаи ҷаҳонӣ масъулият эҳсос мекунад.

Созмонҳои байналмилалӣ борҳо таъкид кардаанд, ки дар даҳсолаҳои наздик маҳз норасоии об метавонад сабаби асосии ихтилофҳо, муҳоҷират ва ҳатто бӯҳронҳои сиёсӣ гардад.

Имрӯз миллиардҳо нафар дар ҷаҳон ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасии пурра надоранд. Миллионҳо кӯдакон аз бемориҳое мефавтанд, ки сабаби асосии онҳо сифати пасти об аст. Дар чунин вазъият, ҳар иқдоме, ки ба ҳамоҳангсозии талошҳои ҷаҳонӣ дар ин самт равона шудааст, аҳамияти стратегӣ дорад.

Бинобар ҳамин, дар ҳоли арҷгузорӣ ба арзиши дипломатияи байналмилалии масъалагузории фавқ ва расидан ба натиҷаҳои амалии чунин ҳамоишҳо, ки аллакай Тоҷикистон онро таҷриба кардааст, метавон таваҷҷуҳи созмонҳои байналмилалиро ба мушкилоти дохилии кишвар зиёдтар ҷалб намуда, ба ин васила, сармоягузории хориҷиро бештар сохт, то ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ (аз ҷумла обтаъминкунӣ) замина гузошта шаванд. Ва муҳимтар аз ҳама, чунин тадбирҳо нақши Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор дар арсаи ҷаҳонӣ жарфтар муаррифӣ мекунанд.

Бояд дар ин масир таваҷҷуҳи асосӣ ба як нукта шакл гирад: Тоҷикистон ва дипломатияи об! Бояд маҳз дар ҳамин замина ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи об арзёбӣ шаванд. ки аллакай ба як мактаби бузурги сиёсӣ табдил ёфтаанд. Зеро ин ташаббусҳо танҳо як шиорпароканиҳои рамзӣ набуда, онҳо ба ташаккули навъе аз дипломатияи ҷадид, дипломатияи об, замина гузоштаанд, ки ҳадафашон на танҳо ҳалли мушкилоти соҳавӣ, балки таҳкими ҳамкории байналмилалӣ, эътимод ва сулҳ мебошад.

Пӯшида нест, ки мушкилоти дастрасӣ ба оби нӯшокӣ дар Тоҷикистон низ вуҷуд дорад. Инро на давлат пинҳон мекунад ва на ҷомеа инкор. Аммо савол ин аст: оё роҳи ҳалли он дар канорагирӣ аз саҳнаи байналмилалӣ мавҷуд ҳаст? Аз ин рӯ, умдатан маҳз тавассути чунин платформаҳо имкони ҷалби маблағ, технология ва таҷрибаи ҷаҳонӣ барои ҳалли ин қабил мушкилоти дохилӣ фароҳам меояд. Яъне, дипломатияи об ин на алтернатива, балки воситаи ҳалли масъалаҳои миллӣ низ ҳаст.

Дар шароите, ки талошҳои кишварҳо ва созмонҳои гуногун дар соҳаи об аксаран пароканда ва ҳамоҳанг нашудаанд, зарурати таъсиси як механизми ҳамоҳангсозии глобалӣ бештар эҳсос мегардад. Дар ин раванд «Чаҳорчӯби Душанбе барои об» метавонад чунин нақшро иҷро намояд. Чунки он на танҳо як платформаи гуфтугӯ, балки метавонад заминаи амалии ҳамгироии сиёсӣ, илмӣ ва иқтисодӣ дар соҳаи об бошад. Коршиносон низ бар ин назаранд, ки чаҳорчӯби мазкур имкон фароҳам меорад, ки дар баробари онки таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ мубодила шаванд, ҳамзамон, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои обӣ бештар ҷалб гардида, шакк нест, ки дар ин замина, ҳамкории минтақавӣ тақвият меёбанд ва муҳимтар аз ҳама, қарорҳои муштарак барои ҳалли мушкилоти глобалӣ қабул хоҳанд шуд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир сармоягузорӣ ба дипломатия, ба ташкили платформаҳои гуфтугӯ ва ба тақвияти имиҷи байналмилалӣ як навъ сармоягузории стратегӣ ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки маҳз тавассути чунин ҳамоишҳо шариконі байналмилалӣ ҷалб ва лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ амалӣ мегарданд, ки чунин тадбирҳо имкониятҳои нави иқтисодиро ба вуҷуд меоранд.

Бинобар ҳамин муҳимият конфронсҳои байналмилалӣ имконият медиҳанд, ки маблағҳои хориҷӣ ҳамҷоя бо технологияҳои нав ворид гарданд ва таҷрибаи кишварҳои пешқадам мавриди истифода қарор гиранд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, имиҷи байналмилалии кишвар яке аз омилҳои муҳими рушди он ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон бо ташаббусҳои худ дар соҳаи об тавонистааст мавқеи худро дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам намояд. Ин имиҷ на танҳо обрӯи сиёсӣ, балки имкониятҳои иқтисодӣ ва илмиро низ фароҳам меорад. Кишваре, ки ҳамчун ташаббускор ва масъул шинохта мешавад, имкони бештар барои ҷалби сармоя ва шарикон дорад.

Аз ин лиҳоз, конфронси Душанбе ва ташаббусҳои нави Тоҷикистон дар соҳаи об бояд дар заминаи манфиатҳои дарозмуддати миллӣ ва ҷаҳонӣ арзёбӣ шаванд. Зеро об на танҳо манбаи ҳаёт, балки омили ҳамгироии инсоният аст. Ва маҳз дар атрофи ҳамин манбаи нодиру ноёби табиат мо бояд муттаҳид шавем.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ,**
**сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи ДДМИТ**

АРМУҒОНИ МАЪНАВӢ

# ИҚДОМИ НЕКИ ПРОФЕССОР САЪДУЛЛО НОСИРОВ

11-уми майи соли равон сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ Саъдулло Носиров бо мақсади ғанӣ гардониданИ фонди китобхонаи илмии донишгоҳ ва фароҳам овардани имконияти бештари дастрасии хонандагон ба китобҳои нодир иқдоми шоиста анҷом дод. Мавсуф аз китобхонаи шахсии худ зиёда аз 200 нусха китобро ба фонди китобхонаи илмии донишгоҳ туҳфа намуд, ки чунин амал воқеан, қобили таҳсин аст.




Китобҳои ҳадяшуда на танҳо осору таълифоти илмии худи профессорро дар соҳаҳои педагогика, психология, методикаи таълим, сотсиология, монографияҳои илмӣ ва автрефератҳои диссертатсионӣ дар бар мегиранд, балки адабиёти соҳаҳои иқтисод, молия, ҳуқуқ, информатика, фалсафа, филология ва адабиёти бадеии ватанию хориҷӣ - назму насрро низ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ фаро гирифтаанд.

Ба гуфтаи Саъдулло Носиров, китоб яке аз неъматҳои бузурги инсонӣ буда, тавассути мутолиаи он метавон ҷаҳонбиниро васеъ ва донишу маърифатро ғанӣ гардонид. Китоб инсонро ба олами хирад раҳнамун сохта, барои ҳар фарди босавод имкони расидан ба қуллаҳои маърифатро фароҳам меорад.

Қобили зикр аст, ки профессор Саъдулло Шукруллоевич бори дуюм аст, ки чунин иқдоми хайрхоҳонаро роҳандозӣ менамояд. Ҳамзамон, ӯ яке аз хонандагони фаъоли китобхонаи донишгоҳ ба ҳисоб рафта, пайваста ба мутолиаи китоб, рӯзнома ва маҷаллаҳои илмӣ машғул мебошад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ: АЗ ҲИФЗ ТО ТАҲКИМ ВА РУШДУ ТАКОМУЛ



Имрӯзҳо мо дар арафаи сазовор истиқбол гирифтани ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне 35-солагӣ қарор дорем. Дар ин муддати на он қадар тӯлонии таърихӣ дастовард ва муваффақиятҳои бадастомада Ҷумҳурии моро ба сӯи музаффариятҳо ва комёбиҳои беназир мушарраф гардонид.

Дастоварди аз ҳама нодири даврони истиқлолият аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад. Дар оғози соҳибистиқлолӣ бинобар сабаби мудохилаи қувваҳои беруна гурӯҳҳои манфиатҷӯй дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро оғоз намуда, авзои сиёсии мамлакатро ба муҳлика кашиданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле ба маврид гуфтаанд: «Истиқлолият ин нишонаи ҳастӣ, шарти бақои давлати соҳибихтиёр, рамзи саодати миллат, ҳувият, озодӣ, шарафу ифтихори халқи тоҷик ва шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва саҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангиро мустақилона пеш мебарад».

Худи Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бузург барои миллати тоҷик маҳсуб меёбад. 24 августи соли 1990 Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардида, аз 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон Истиқлолияти комили худро ба даст овард.

Дастоварди дигар аз 2 марти соли 1992 узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид гардидани Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки барои рушди сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии мамлакат аҳамияти бузург дорад.

Маҳз эътимод ба Сарвари давлати мо ва амнияти кишварамон аст, ки ҳаминак Тоҷикистони азизи мо солҳои ахир мизбони чандин конфронсу симпозиум ва форумҳои сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин давра, Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Матни Суруди миллӣ фарогири тамоми орзую умед ва ниятҳои некбинонаи халқи тоҷик буда, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, санади муҳими сиёсӣ, ҳуҷҷати тақдирсоз ва ифодагари азму иродаи мардуми тоҷик мебошад, ки дар марҳилаи хеле мураккабу сарнавиштсози ташаккулёбии давлатдории миллиамон қабул гардид.

Инчунин, яке аз муҳимтарин дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ пас аз ҷанги шаҳрвандӣ расидан ба Ваҳдати миллии комил ва сулҳу суботи пойдор дар байни мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад. Бо талошҳои пайвастаи пайгирона ва хастанопазири Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат 27 июни соли 1997 «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ миёни тоҷикон» қабул гардид, ки ҷомеаи Тоҷикистон ба ошёни сулҳу ваҳдати миллӣ мубаддал гашт.

Дар баробари ин, дастоварди дигари муҳим, ин узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, Созмони давлатҳои исломӣ ва ғайра гардидан ба ҳисоб меравад.

Дигар дастоварди ниҳоят муҳим аз соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар бо Сомонӣ, ки ба ифтихори бунёдгузори нахустин давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ номгузорӣ шудааст, эълон гардид.

Бо ташаббусҳои бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, соли 2003-ро «Соли байналхалқии оби тоза», соли 2013-ро «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», солҳои 2005-2015-ро «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт барои об» ва солҳои 2018-2028-ро «Даҳсолаи байналмилалии амал: «Об барои рушди устувор» эълон намуда, дар ин раванд масъалаҳои муҳимтарини глобалӣ оид ба об, аз ҷумла, истифодаи оқилонаи об, муҳофизати обҳои тоза, мубориза бар зидди ифлос гардидани об, ташкили самараноки идораву истифодаи захираҳои обӣ фаро баррасӣ шуданд, ки ин ташаббусҳо Тоҷикистонро бори дигар дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд.

Маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид яке аз ҷашнҳои миллӣ Наврӯзи аҷам аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо кард, ки ҳамасола ҳамчун яке аз ҷашнҳои бузурги дар сатҳи баланд таҷлил мешавад.

Ҳамзамон, тахти сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд унсурҳои фарҳанги моддию ғайримоддии халқи тоҷик ба Феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардиданд, аз ҷумла ҷашни миллию мардумии «Наврӯз», мусиқии суннатии «Шашмақом», таоми миллии «Оши палов», матои миллии «Чакан», инчунин, якчанд ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва ҷашнвораҳои таърихии мардуми тоҷик шомил шуданд, ки боиси ифтихору сарфарозӣ ва нишонаи фарҳангиву адабпарварии миллати тоҷик мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ бунёду мавриди истифода қарор додани бузургтарин нақбҳо, аз қабили «Истиқлол», «Шаҳристон», «Хатлон», «Дӯстӣ», «Озодӣ», бунёди шоҳроҳҳои сатҳи байналмилаливу аҳамияти ҷумҳуриявидошта, аз қабили «Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ», «Айнӣ-Панҷакент», «Қулма-Қароқурум», «Душанбе-Бохтар-Кӯлоб», роҳи оҳани «Душанбе-Кӯлоб» ва дигар роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта ҷиҳати баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти минтақаҳои кишвар заминаи боэътимодро фароҳам оварданд.

Дар ин замина, камар бастан ба бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дар як муддати кӯтоҳ ба истифода додани ду агрегати он, инчунин, дигар нерӯгоҳҳои хурду бузург дар миқёси ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Маҳз бо ин роҳ яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ пурра амалӣ гардида истодааст.

Дар ин давра бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷмааи фарҳангии «Кохи Наврӯз» ба рӯйхати «8 мӯъҷизаи Созмони Ҳамкории Шанхай» ворид гардид.

Эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»-ро набояд аз лавҳи хотир баровард, зеро татбиқи ин тадбирҳо барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, муаррифии имкониятҳои сайёҳию фарҳангӣ, ёдгориҳои таърихии меъморию табиӣ, эҳёву инкишофи ҳунарҳои бадеии халқӣ, бунёду азнавсозии иншооти гуногун дар деҳот ва дар маҷмуъ бахри рушди маҳал заминаи мусоид фароҳам оварданд.



Дар охир бояд иброз намуд, ки Истиқлолият асоси пойдории давлат, рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмат, дастоварди бузуругу бебаҳои таърихӣ маҳсуб ёфта, яке аз арзишҳои бебаҳо ва беназири миллати тоҷик ин худи Пешвои муаззами миллат ва сиёсати созандаю бунёдкоронаашон мебошанд, ки ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳ бо садоқат ва сипосгузорӣ аз ин неъмат бояд бо хушнудӣ истиқбол намояд.

Ҷавобан ба ин ҳама, мо мардуми шарифи Тоҷикистонро зарур аст, ки ба пешравиҳои кишвар ва дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шукргузорӣ намуда, бахри гул-гул шукуфоии Тоҷикистони азизи худ боз ҳам саҳмгузор бошем.

**Ш. БЕКМИРЗОЕВ - муаллими калони кафедраи андозбандӣ ва суғурта,**
**С. МУМИНЗОДА - ассистенти кафедраи андозбандӣ ва суғурта**

## МАҲФИЛИ ГИРОМИДОШТ

# ЛОИҚ - САРСУПУРДАИ МИЛЛАТ ВА ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Ба ифтихори 85-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ дар китобхонаи илмии донишгоҳ маҳфили илмӣ-адабии умумидонишгоҳӣ доир гардид.**

Маҳфилро муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимзода ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки дар таърихи адабиёти тоҷик кам шоироне пайдо шудаанд, ки ба мисли устод Лоиқ Шералӣ чунин маҳбубияту шуҳратро соҳиб гардида бошанд. Осори Лоиқ миёни мардум ҷойгоҳи хос дошта, имрӯз низ шеърҳои ӯ вирди забони дӯстдорони адаб мебошанд. Аксари ҳофизони маъруф ба ашъори Лоиқ оҳанг бастаанд ва шеърҳои шоир то ҳол сарчашмаи беҳтарин суруду таронаҳо ба ҳисоб мераванд.



Сипас, номзади илмҳои филологӣ, устоди кафедраи забони тоҷикӣ Нигина Сироҷова дар мавзуи «Лоиқ - сарсупурдаи миллат ва забони модарӣ» суханронӣ намуда, аз ҷойгоҳ ва нақши шоир дар рушди адабиёти миллӣ ва ҳифзи забони тоҷикӣ ёдовар шуд. Бузургии устод Лоиқ дар мардумӣ будани ашъораш таҷассум меёбад. Шеърҳои ӯ бо дарду ормонҳои мардум ҳамнаво буда, бо забони сода, ширин ва равон эҷод шудаанд.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки муҳаббат ба ашъори Лоиқ кайҳо аз марзҳои Тоҷикистон фаротар рафта, дар миёни форсизабонони дигар кишварҳо низ маҳбубияти зиёд пайдо кардааст. Бо ташаббуси устод анҷуманҳои тоҷикони ҷаҳон ва маҳфилҳои адабии «Ширу шакар» баргузор мегардиданд, ки дар онҳо шоирони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон иштирок намуда, миёни ҳам шеърхонӣ ва мубодилаи афкор менамуданд.

Муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ Илҳом Мирзоев дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар ашъори Лоиқ» баромад намуда, зикр кард, ки мавзуи Ватан дар осори шоир ҷойгоҳи марказӣ дорад. Шеърҳои «Ватан», «Хоки Ватан», «Аз боми ҷаҳон, аз номи ҷаҳон», «Оли Сомон», «Ифтихор», «Ворисон», «Кишвари ман - модари ман», «Ушшоқи Душанбе», «Замини меросӣ», «Зиндарӯди Панҷрӯд» ва «Хуросони бузург» аз беҳтарин намунаҳои ашъори ватандӯстонаи Лоиқ мебошанд. Шоир мафҳуми Ватанро бо эҳсоси баланд ва тасвирҳои мушаххасу муассир ба қалам додаast.

Дар идомаи маҳфил меҳмони чорабинӣ, шоира, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Назокат Олимзода аз ашъори устод Лоиқ порчаҳо қироат намуда, ғазали тозаи худро, ки дар васфи шоир эҷод кардааст, пешкаши ҳозирин гардонд.

Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикӣ Наргис Аслонова зимни баромади худ аз дӯстиву ҳамкориҳои адабии падари марҳумаш Наимҷон Нозирӣ бо



устод Лоиқ Шералӣ ёдовар шуда, хотираҳои ҷолиб нақл намуд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳар рӯз рӯзи Лоиқ аст, зеро ашъори ӯ ҳамеша вирди забони мардум мебошад.

Дар қисмати фарҳангии маҳфил донишҷӯён Нигора Махсулзода, Меҳринигор Исозода, Амриддин Пиров, Нозия Раҳмонзода, Зӯҳро Бобомуродова, Дилсора Раҷабзода ва Ҷонибек Неъматов аз ашъори шоир ғазалу рубоиҳо қироат намуда, хотири ҳозиринро болида гардониданд.

Дар фарҷоми маҳфил таъкид гардид, ки таҷлили 85-солагии Лоиқ Шералӣ нишонаи эҳтиром ва арҷгузории мардуми тоҷик ба шахсияти бузурги адабӣ ва хизматҳои мондагори ӯ мебошад. Осори Лоиқ имрӯз низ барои тарбияи маънавӣ, худшиносии миллӣ ва бедории ҳисси ватандӯстии ҷомеа нақши муҳим дорад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

**Имрӯз, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таҳаввулоти босуръати сиёсиву фарҳангӣ, таҳдидҳои идеологӣ ва равандҳои пурпечутоби ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ гардидааст, масъалаи тарбияи насли ҷавон ба яке аз вазифаҳои меҳварии муассисаҳои таҳсилоти олӣ табдил ёфтааст. Ҳоло донишгоҳ на танҳо маркази таълиму касбомӯзӣ, балки муҳити ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, фарҳанги сиёсӣ ва ахлоқии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Дар чунин шароит фаъолияти сохторҳои тарбиявии муассисаҳои олӣ аҳамияти хосса касб мекунад.**

# СИЁВУШ ҲАБИБОВ:
## ТАРБИЯ ДАР ДДМИТ НИЗОМИ МУАССИРИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ АСТ

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон давоми 30 соли фаъолияти пурсамар ба ҳайси яке аз муассисаҳои пешсафи таҳсилоти олии кишвар дар баробари омодасозии мутахассисони соҳибкасб, ба масъалаи тарбияи ҷавонон низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Дар ин раванд, раёсати ташкилию тарбиявии донишгоҳ нақши муассир дошта, бо роҳандозии чорабиниҳои гуногунҷанба дар самтҳои сиёсиву ватандӯстӣ, ахлоқиву маънавӣ, ҳуқуқиву зиддикоррупсионӣ, фарҳангиву экологӣ ва варзишӣ бахри ташаккули шахсияти комил саҳми назаррас мегузорад.**

**Перомуни дастовардҳо, ҳадафҳо ва самтҳои асосии фаъолияти тарбиявӣ суҳбати сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи ДДМИТ Маҳмадалӣ Очилдиев бо сардори раёсати ташкилию тарбиявии ҳамин боргоҳи илму маърифат Сиёвуш Ҳабибов манзур мегардад.**

**- Таври маълум, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои бунёдӣ дар самти ташаккули насли наврас ба шумор меравад. Дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, раванди татбиқи ин санад дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чӣ гуна ҷараён дорад? Бахусус, дар самти тарбияи сиёсӣ ва ғоявӣ чӣ тадбирҳо амалӣ мешаванд?**

- Воқеан ҳам, дар шароити муосир нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ташаккули шахсияти комил ва мутахассиси рақобатпазир бисёр муҳим мебошад. Таҳлили фаъолияти раёсати мо дар моҳҳои феврал, март ва апрели соли 2026 нишон медиҳад, ки муқаррароти Консепсияи миллии тарбия на дар шакли чорабиниҳои сирф ҳисоботӣ, балки тавассути барномаҳои амалӣ ва таъсиргузор дар ҳаёти рӯзмарраи донишгоҳ татбиқ мегардад.

Дар самти тарбияи сиёсӣ ва ғоявӣ ҳадафи асосии мо ташаккули ҷаҳонбинии солими сиёсӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ҳифзи ҷавонон аз таъсири гурӯҳҳои ифротӣ мебошад. Бо ин мақсад, омӯзиши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи факултетҳо ба роҳ монда шудааст, то донишҷӯён бо ҳадафҳои стратегии давлат ва самтҳои асосии сиёсати доҳиливу хориҷии кишвар ошно гарданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати муқовимат ба таҳдидҳои муосир ва пешгирии амалҳои хатарбор, аз қабили экстремизм ва терроризм, вохӯриҳои судманд бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла роҳбарияти ШВКД-1 дар ноҳияи Сино баргузор гардиданд. Барои пешгирии хурофотпарастӣ низ мулоқотҳо бо намояндагони расмии соҳаи дин ташкил карда шуданд, то ба донишҷӯён моҳияти дини мубини ислом, фарқи миёни арзишҳои аслии динӣ ва хурофоту ҷаҳолат дуруст фаҳмонида шавад.



**- Яке аз самтҳои меҳварии фаъолияти раёсати ташкилию тарбиявӣ таҳкими тарбияи миллӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар нимсолаи ҷорӣ ин самт дар донишгоҳ аз доираи чорабиниҳои маъмулии маърифатӣ фаротар рафта, ба як низоми фаъол ва ҳадафманд табдил ёфтааст. Ба андешаи Шумо, кадом омилҳо боис шуданд, ки чунин рӯҳияи баланди ватандорӣ ва масъулиятшиносӣ миёни донишҷӯён ҷараёни тоза касб намояд?**

- Омили асосӣ дар гузаштан аз назария ба амалия мебошад. Мотҷилии 33-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо баргузории мулоқотҳо бо генерал-майорҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намудем, ки ин ба рӯҳияи ватандӯстии ҷавонон таъсири амиқ расонд. Натиҷаи баргузории ҳамин гуна корҳои тарбиявӣ буд, ки дар аввали моҳи апрел як қатор донишҷӯёни донишгоҳ баъди супоридани имтиҳонҳо ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ пайвастанд. Ин, пеш аз ҳама, нишонаи баланди масъулиятшиносӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон мебошад. Дар баробари ин, ҷиҳати таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳувияти таърихӣ, боздидҳо аз Осорхонаи миллӣ ташкил карда шуда, инчунин, даври донишгоҳии Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор гардид. Чунин иқдомҳо ҷиҳати бедор намудани ҳисси ифтихори миллӣ ва рӯҳияи қаҳрамонӣ дар замири ҷавонон нақши муҳим доранд.

**- ДДМИТ барои низоми молиявию иқтисодии кишвар кадрҳо омода мекунад. Аз ин лиҳоз, дар ин замина, тарбияи ҳуқуқӣ ва зиддикоррупсионӣ бояд мавқеи махсус дошта бошад. Раёсати ташкиливу тарбиявӣ ин самтро чӣ гуна ба роҳ мондааст?**

- Бале, суоли матраҳкардаатон комилан баҷост. Бо назардошти он ки барои мо ин самт аҳамияти стратегӣ дорад, бо ҳамин мақсад, силсилаи вохӯриҳои «факултет ба факултет» бо иштироки судяҳои Суди ноҳияи Сино ва намояндагони Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил баргузор карда шуданд. Ҷалби кормандони амалии мақомоти давлатӣ ба муҳити таълимӣ таъсири муассири пешгирикунанда дорад ва ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки паҳлуҳои амалии қонунгузориро беҳтар дарк намоянд. Ҳамчунин, вохӯриҳо бо намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Коррупсия эътимоди мардумро коста мегардонад» баргузор шуданд. Дар баробари ин, мо пайваста мухтавои қонунҳои миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак»-ро ба донишҷӯён шарҳ медиҳем, то онҳо дар оянда ҳамчун шаҳрвандони масъул ва дорои фарҳанги баланди иқтисодиву иҷтимоӣ ташаккул ёбанд.

- Тарбияи ахлоқиву маънавӣ ҳамеша меҳвари ҷомеаи солим ба ҳисоб меравад. Дар донишгоҳ барои ҳифзи фазои маънавии ҷавонон чӣ тадбирҳо амалӣ мешаванд?

- Мо ба тарбияи ахлоқиву маънавии донишҷӯён, бахусус донишҷӯдухтарон, таваҷҷуҳи махсус медиҳем, зеро маҳз онҳо тарбиятгари насли оянда мебошанд. Аксияи «Тоҷикона мепӯшем!» имрӯз ба як ташаббуси ҳамешагӣ табдил ёфтааст, ки дар самти ҳифзи фарҳанги миллӣ ва муқовимат ба бегонапарастӣ нақши муассир мебозад. Таҷлили Рӯзи Модар низ танҳо дар доираи як чорабинии ҷашнӣ маҳдуд нагардид, балки ба маъракаи муҳими ахлоқиву тарбиявӣ табдил ёфт, ки дар доираи он омӯзгорон ва бонувони фаъол қадрдонӣ шуданд. Ҳамзамон, ҷиҳати таҳкими ҷаҳонбинии маънавӣ ва ошноии донишҷӯён бо мероси адабии ниёгон, маҳфили адабӣ бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ баргузор гардид, ки фазои маънавии донишгоҳро боз ҳам ғанӣ гардонд.

**- Эҳсос мегардад, ки баҳори имсола фазои донишгоҳ бисёр идона ва фарҳангӣ буд. Дар самти тарбияи зебоипарастӣ ва фарҳангӣ чӣ корҳо анҷом дода шуданд?**

- Наврӯзи байналмилалӣ ва фасли баҳор худ беҳтарин мактаби тарбияи эстетикӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Мо озмуни «Суфраи наврӯзӣ»-ро бо иштироки адибони маъруф, аз ҷумла, Гулрухсори Сафӣ ва Ато Мирхоҷа, баргузор намудем. Инчунин, Фестивали «Сайри гули лола» бо намоиши ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили гулдӯзӣ, шеърхонӣ ва барномаҳои фарҳангӣ доир гардид.

Кӯшиш менамоем, ки тарбияи фарҳангиро танҳо бо чорабиниҳои назариявӣ маҳдуд насозем. Масалан, дар доираи чорабинии «Дастони моҳир» донишҷӯдухтарон дар хобгоҳ таоми миллӣ омода карданд, ки ин як намунаи хуби эҳёи фарҳанги рӯзгордорӣ ва суннатҳои миллӣ мебошад.

**- Варзиш ва саломатӣ низ аз масъалаҳои муҳими самти шуғли ҷавонон ба ҳисоб мераванд. Дар мавриди садди кӯчагардиву сарфи бараъбаси вақт, пешгирии донишҷӯён аз одатҳои номатлуб ва дар баробари ин, ҷалби онҳо ба илмомӯзиву тарғиби ҳаёти солим раёсат чӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намудааст?**

- Варзиш, воқеан яке аз воситаҳои муассири ҷалби ҷавонон ба ҳаёти солим ва фаъол мебошад. Дар донишгоҳ мусобиқаҳои дохилидонишгоҳӣ ва байнидонишгоҳӣ оид ба волейбол, футбол ва дигар намудҳои варзиш мунтазам баргузор мешаванд. Боиси ифтихор аст, ки беш аз 200 нафар донишҷӯёни донишгоҳ дар Ниммарафони байналмилалии Душанбе фаъолона ширкат варзиданд.

Дар самти пешгирии одатҳои номатлуб бошад, бо назардошти хатари афзоиши истифодаи моводи мухаддир ва хабҳои синтетикӣ, вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар бо иштироки табибон ва мутахассисони соҳаи наркология баргузор карда шуданд.

**- Зимнан, инҷо рӯшанӣ меафканед, ки дар самти тарбияи экологӣ ва меҳнатӣ то ҳол чӣ тадбирҳо амалӣ гардиданд?**

- Меҳнат яке аз омилҳои муҳими ташаккули шахсият мебошад. Донишҷӯёни мо дар аксияҳои «Тозагии соҳил», маъракаҳои ниҳолшинонӣ дар маҳаллаи Зарафшон ва инчунин, аксияи умумишаҳрии «Саҳми ман - дар шаҳри ман» фаъолона иштирок намуданд.

Инсон вақте худ ниҳол мешинонад, нисбат ба табиат муносибати бомасъулиятона зоҳир мекунад ва ҳаргиз ба он зарар намерасонад. Ҳамзамон, бо баргузории ҳамоишҳои илмӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», ҷавонон бо ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави раҳнамоиҳо ҳидоятҳои Пешвои миллат дар самти ҳифзи муҳити зист ва масоили экологӣ бештар ошно гардиданд.

**- Ва дар фарҷоми суҳбат мегуфтед, ки кадом омилҳо метавонанд муҳаррики пешрафти корҳои тарбиявӣ бошанд?**

- Ба назари ман, омили асосии муваффақият дар ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои донишгоҳ ва ҳамкории зич бо мақомоти давлатӣ нуҳуфта мебошад. Мо кӯшиш мекунем, ки ҳар як чорабинӣ чанд ҳадафи муҳими тарбиявиро дар бар гирад ва муҳимтар аз ҳама, аз шаклгароӣ ба амалияи воқеӣ гузарем. Муҳити солими илмиву маънавӣ ва ғоявие, ки имрӯз дар донишгоҳ ташаккул ёфтааст, метавонад барои дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ ҳамчун таҷрибаи арзишманд хизмат намояд.

**Мусоҳиб:**
**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

**Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷавон ба неруи созандаи насли нав хушбинона менигарад ва сиёсати давлатии ҷавононро ба яке аз самтҳои меҳвари рушди миллӣ табдил додааст. Ба ҳамин хотир, дар остонаи таҷлили бошукуҳ аз 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии ДДМИТ ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи ДДМИТ Маҳмадалӣ Очилдиев бо сардори шуъбаи кор бо ҷавонони ҳамин боргоҳи илму маърифат Ҷаъмахон Ҷангиев атрофи ҷойгоҳ ва нақши ҷавонон дар ҷомеаи муосир, масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ, рушди тафаккури инноватсионӣ, таъсири фазои иттилоотӣ ба ҷавонон ва рисолати насли ҷавон дар шароити ҷаҳонишавӣ суҳбати ихтисосӣ анҷом дод. Суҳбате, ки фаротар аз як мусоҳибаи ҷашнӣ, бозтоби андешаҳо дар бораи ҷойгоҳи ҷавонон дар сарнавишти миллат ва ояндаи давлат мебошад.**

**Дар марҳилаи нави рушди давлатдории миллӣ масъалаи ҷавонон беш аз ҳар вақти дигар аҳамияти стратегӣ касб намудааст. Зеро имрӯз маҳз сатҳи маърифат, ҷаҳонбинӣ, масъулиятшиносӣ ва иқтидори зеҳнии ҷавонон метавонад самти фардои ҷомеаро муайян созад. Дар чунин шароит рисолати муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва созмонҳои ҷавонон танҳо ба баргузории чорабиниҳои маърифатӣ маҳдуд намешавад. Баръакс, онҳо бояд муҳити ташаккули тафаккури муосир, худшиносии миллӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва омодасозии ҷавонони рақобатпазирро фароҳам созанд. Маҳз аз ҳамин зовия фаъолияти ҷавонони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ ҷолиби таваҷҷуҳ арзёбӣ мегардад.**

# ҶАВОНОН ВА РИСОЛАТИ НАСЛИ СОЗАНДА ДАР МАРҲИЛАИ НАВИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН

**Суҳбати ихтисосии сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи ДДМИТ Маҳмадалӣ Очилдиев бо сардори шуъбаи кор бо ҷавонони ҳамин боргоҳи илму маърифат Ҷаъмахон Ҷангиев дар остонаи Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон.**

**- Пеш аз ҳама, Рӯзи ҷавонони Тоҷикистонро ба кулли ҷавонон кишвар ва махсусан, донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон табрик мегӯем. Ба назари Шумо, аҳамияти сиёсӣ ва иҷтимоии ин ҷашн дар шароити имрӯз чӣ гуна аст?**

- Ташаккур барои табрикот! Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дар шароити муосир танҳо як санаи тақвимӣ ё ҷашни фароғатӣ нест, балки рамзи таваҷҷуҳ ва рамзи сиёсати дурбинонаи Роҳбарияти олии мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба насли ояндасоз мебошад. Аҳамияти сиёсии ин ҷашн дар он таҷассум меёбад, ки давлат ба неруи ҷавонон такя карда, онҳоро ҳамчун шарикони фаъоли рушди стратегии кишвар эътироф мекунад. Таҷлил аз ин рӯз барои ҳар як ҷавон паёми масъулият аст - масъулияти дарк намудани рисолати таърихии худ ва саҳмгузорӣ дар ободии Ватан.

**- Имрӯз ҷавонон дар меҳвари сиёсати давлатии Тоҷикистон қарор доранд. Ба назари Шумо, чӣ омил боис гардид, ки масъалаи ҷавонон ба яке аз самтҳои стратегии сиёсати давлатӣ табдил ёбад?**

- Омили асосӣ ва меҳварӣ ин воқеияти демографии кишвари мост. Тоҷикистон давлати ҷавонон аст, зеро беш аз 70 дарсади аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дурбинӣ ва хиради азалӣ хануз аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дарк намуданд, ки бидуни сармоягузорӣ ба насли ҷавон, рушди устувори иқтисодӣ, амнияти миллӣ ва пешрафти илму технология ғайриимкон аст. Бинобар ин, ҷавонон ҳамчун неруи пешбаранда, созанда ва муҳофизони боэътимоди дастовардҳои истиқлолият ба самти стратегии давлат табдил ёфтанд.

**- Дар ин замина, нақши донишгоҳҳоро дар ташаккули тафаккури муосири ҷавонон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Донишгоҳҳо имрӯз на танҳо маркази интиқоли дониш, балки коргоҳи асосии ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии ҷавонон ба шумор мераванд. Дар шароити муосир нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ, хусусан ДДМИТ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо: Тафаккури интиқодӣ ва таҳлилии донишҷӯёнро рушд медиҳанд; Муҳити мусоидро барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва стартапҳои инноватсионӣ фароҳам меоранд; Дар баробари таълими касбӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро ба роҳ мемонанд.

Мо дар донишгоҳ талош мекунем, ки мутахассис на танҳо соҳибкасб бошад, балки дорои тафаккури милливу давлатӣ бошад.

**- Имрӯз мафҳуми «ҷавони рақобатпазир» бисёр истифода мешавад. Ба андешаи Шумо, ҷавони рақобатпазир кист?**

- Ҷавони рақобатпазир шахсиятест, ки ба талаботи бозори меҳнати ҷаҳонӣ ва миллӣ ҷавобгӯ мебошад. Хусусиятҳои асосии чунин ҷавон инҳоянд: Донистани нозукиҳои касби худ, махсусан дар соҳаи молия, иқтисод ва технологияҳои рақамӣ; Мусаллат будан ба ду ва ё зиёда забонҳои хориҷӣ (махсусан русӣ ва англисӣ) дар баробари донистани забони ноби тоҷикӣ; Қобилияти кор бо технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ; Худшиносии баланд ва муқовиматпазирӣ дар баробари таҳдидҳои идеологӣ.

**- Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи ҳифзи ҳувияти миллӣ то чӣ андоза муҳим аст?**

- Дар раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, ки бархӯрди тамаддунҳо ва фарҳангҳо ба назар мерасад, ҳифзи ҳувияти миллӣ масъалаи ҳаёту мамоти миллат аст. Ҷаҳонишавӣ дар баробари дастрасӣ ба технология ва иттилоот, хатари тақлидкорӣ ва аз байн рафтани арзишҳои миллиро дорад. Ҳувияти миллӣ, забони модарӣ, либоси миллӣ, расму оин ва таърихи мо - инҳо сипари боэътимоди мо ҳастанд. Ҷавонони мо бояд ҷаҳонандиша бошанд, технологияро азхуд кунанд, аммо дар қалбашон тоҷик боқӣ монанд.

**- Дар фаъолияти шуъбаи ҷавонони ДДМИТ кадом самтҳо имрӯз афзалият доранд?**

- Фаъолияти мо бисёрҷабҳа буда, асосан ба самтҳои зерин нигаронида шудааст:

*Ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои илмӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ;

*Пешгирии қонунвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон;

*Тарғиби тарзи ҳаёти солим ва рушди варзиш дар байни донишҷӯён;

*Дастгирии ятимону маъюбон ва рушди ҳаракати волонтёрӣ;

*Мусоидат дар ҳамгироии донишҷӯён ба ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳ ва кишвар.



**- Имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа таъсири фазои иттилоотӣ ба тафаккури ҷавонон аст. Назари Шумо ба ин масъала чӣ гуна аст?**

- Фазои иттилоотӣ як неруи дуҳӯра аст. Аз як тараф, он манбаи беохири дониш аст, аммо аз тарафи дигар, майдони муборизаҳои иттилоотӣ ва мафкуравӣ мебошад. Имрӯз тафаккури ҷавонон зери таъсири шадиди иттилооти бегона қарор дорад. Вазифаи мо ин ташаккул додани «иммунитети иттилоотӣ» ва «саводи расонаӣ» дар байни донишҷӯён аст, то онҳо тавонанд ҳақиқатро аз дурӯғ ва хабарҳои сохта (фейкҳо) ҷудо намоянд ва қурбони тарғиботи гурӯҳҳои манфиатдор нагарданд.

**- Ба назари Шумо, муҳимтарин рисолати ҷавонони тоҷик дар марҳилаи кунунӣ аз чӣ иборат аст?**

- Муҳимтарин рисолати ҷавонон дар марҳилаи кунунӣ ин ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот ва баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Онҳо бояд бо хониши аъло, рафтори намунавӣ, азхудкунии касбу ҳунар ва забондонӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳм гузоранд ва дар муқобили ҳама гуна таҳдидҳо беруна чун як тан муттаҳид бошанд.

**- Дар масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ кадом иқдомҳо роҳандозӣ мешаванд?**

- Дар ДДМИТ мо барномаҳои махсусро амалӣ мекунем. Баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илм-фурӯғи маърифат» хусусияти оммавӣ гирифтааст. Инчунин, ташкили мулоқотҳо бо собиқадорони меҳнат, олимони шинохта, афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ, боздид аз осорхонаҳо ва мавзеъҳои таърихӣ қисми ҷудонашавандаи кори мо дар самти тарбияи ватандӯстӣ мебошад.

**- Нақши ҷавононро дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар дар кадом сатҳ арзёбӣ мекунед?**

- Нақши ҷавонон ҳалкунанда аст. Махсусан, дар робита ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, нақши донишҷӯёну хатмкардагони ДДМИТ бениҳоят калон аст. Омода кардани иқтисодчиён, молиячиён, менеҷерҳо ва мутахассисони IT, ки тавонанд корхонаҳои навро идора кунанд ва сармоя ҷалб намоянд, саҳми бевоситаи ҷавонони мо дар татбиқи ин ҳадафҳост.

**- Имрӯз масъалаи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷавонон бисёр матраҳ мегардад. Назари Шумо дар ин хусус чист?**

- Шабакаҳои иҷтимоӣ воқеияти рӯзгори моянд ва мо наметавонем ҷавононро аз онҳо маҳрум созем. Аммо мушкил дар шакли истифодаи онҳост. Назари ман ин аст, ки мо бояд ҷавононро омӯзонем, ки шабакаҳои иҷтимоиро на барои беҳудагузаронии вақт, тамошои наворҳои бемуҳтаво ё баҳсҳои бемайфиат, балки барои илмомӯзӣ, дарёфти грантҳои таълимӣ, муаррифиҳои илмӣ ва таблиғи дастовардҳои Тоҷикистон истифода баранд.

**- Дар самти дастгирии ташаббусҳои ҷавонон чӣ корҳо анҷом дода мешаванд?**

- Дар сатҳи давлат квотаҳои президентӣ, стипендияҳои номӣ ва грантҳо барои стартапҳо амал мекунанд. Дар сатҳи донишгоҳ бошад, Раёсати ДДМИТ ҳамеша ташаббусҳои илмӣ ва варзишии донишҷӯёнро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ мекунад. Мо «Мактаби ҷавонон пайравони Пешвои миллат»-ро фаъол кардаем ва донишҷӯёни фаъол бо ифтихорномаҳо, мукофотпулиҳо ва сафарҳои омӯзишӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

**- Ва як суоли асосӣ ва хеле муҳим. Имрӯзҳо мо дар арафаи таҷлили ҷашни пуршукуҳи 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии ДДМИТ қарор дорем. Сатҳу сифати омодагиҳо ба ин санаҳои таърихӣ дар кадом марҳила қарор доранд?**

- Омодагиҳо ба ин ду ҷашни бузург дар сатҳи бисёр баланд ва бо руҳияи баланд баргузор шуда истодаанд. Дар донишгоҳ нақша-чорабиниҳои махсус тасдиқ гардидааст. Корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ, таҷдиди аудиторияҳо, чопи китобу монографияҳои нав аз ҷониби устодону донишҷӯён, инчунин омодагӣ ба баргузории конфронсҳои байналмилалии илмӣ бомаром идома доранд. Ҷавонони мо дар ин раванд пешсаф буда, бо ташаббусҳои эҷодӣ ва саҳми арзандаи худ ба пешвози ин ҷашнҳои муқаддас омодагӣ мебинанд.

**- Дар фарҷом, паёми Шумо ба ҷавонони Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи ҷавонон?**

- Паёми ман ба кулли ҷавонон ин аст, ки қадри ҷавонӣ, қадри Ватан ва қадри сулҳу суботро бидонед! Илм омӯзед, касбҳои муосирро аз худ кунед ва ҳамқадами замон бошед. Фаромӯш накунед, ки ояндаи давлати тоҷикон дар дасти Шумост. Боварии Роҳбарияти Олии кишварро бо хизмати содиқона, ақлу заковат ва меҳнати ҳалол сафед намоед. Бигзор, ҳар як қадами шумо барои пешрафти Тоҷикистони азиз гузошта шавад! Рӯзи ҷавонон муборак!

## САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ НАВСОЗИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ



Санаи 12-уми майи соли равон дар факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар доираи амалишавии барномаи «Профессори даъватӣ» лексияи илмию маърифатӣ баргузор гардид, ки дар он донишҷӯёни кафедраҳои иқтисодиёти ҷаҳон, муносибатҳои молиявӣ-карзии байналмилалӣ ва менеҷменти молиявӣ фаъолона ширкат варзиданд.

Нахуст декани факултет Фахриддин Убайдов иброз дошт, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, даъват намудани олимони варзида аз муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ва аз худ намудани таҷрибаи пешқадами онҳо барои донишҷӯён ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дар идомаи чорабинӣ, меҳмони даъватшуда аз Донишгоҳи миллии аграрии Қирғизистон ба номи К.И. Скрябин, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Жолдошбекова С.Ч. бо маърузаи пурмуҳтаво дар мавзуи «Сармоягузориҳои хориҷӣ ҳамчун омили навсозии соҳаи кишоварзӣ ва таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ» баромад кард. Маърузакунанда бо такя ба таҳлилҳои амиқи оморӣ ва мисолҳои мушаххас қайд намуд, ки ҷалби сармояи хориҷӣ на танҳо барои навсозии техникию технологии бахши кишоварзӣ, балки барои ворид намудани сармоя ва устувор гардонидани мавқеи кишвар дар бозори ҷаҳонӣ нақши ҳаётан муҳим дорад. Баромадкунанда тавачҷуҳи хозиринро ба масъалаҳои таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ҷалб намуда, роҳҳои муосири ҷалби сармояро шарҳ дод.

Пас аз анҷоми қисмати назариявии лексия, миёни донишҷӯён ва маърузакунанда мубоҳисаи озоду самимӣ ва саволу ҷавоби фаъол сурат гирифт, ки дар он донишҷӯён оид ба паҳлуҳои гуногуни иқтисодиёти минтақавӣ ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодӣ саволҳои ҷолиб пешниҳод намуданд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-карзии байналмилалӣ Фаридулло Убайдуллоев, мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ Фаррух Саидахмадов, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Садриддин Шарипов ба музокира баромада, ба меҳмон барои ироаи лексияи ҷолибу сатҳи баланд изҳори сипос намуданд.

Дар анҷом барои иштироки фаъолона ва гузаронидани лексияи пурмазмуни илмӣ дар доираи барномаи «Профессори даъватӣ», ба н.и.и., дотсент Жолдошбекова С.Ч. аз ҷониби раёсати донишгоҳ Сертификати махсус тақдим карда шуд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

## ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА



Рӯзи 5-уми майи соли равон як гурӯҳ намояндагони Коллеҷи Даэлими Ҷумҳурии Корея дар ҳайати Сунг Ки Хайб, профессор ва Парк Тай Бок, ёрдамчии директори коллеҷ ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташриф оварданд. Меҳмононро муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Парвиз Ғафуров ба ҳузур пазируфт.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор доданд. Аз ҷумла, имкониятҳои роҳандозии омӯзиши забони кореягӣ барои донишҷӯён, таъсиси курсҳо ва барномаҳои муштарак дар ин самт муҳокима гардиданд.

Ҳамзамон, масъалаҳои марбут ба рушди барномаҳои мубодилаи академии донишҷӯён ва омӯзгорон, таҷрибаомӯзӣ, инчунин, сафарҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ баррасӣ шуданд.

Илова бар ин, тарафҳо доир ба тавсеаи ҳамкориҳо дар самтҳои таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба раванди таълим ва иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалии табодули таълимӣ афкор намуданд.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро барои истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ дар такмили фаъолияти таълимӣ ва илмии Коллеҷи Даэлим ва ДДМИТ баён намуда, аз таҳким ва густариши ҳамкориҳои судманд дар оянда ибрози андеша намуданд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ИДМ





Санаи 11 майи соли равон бо ибтикори муштараки кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ ва раёсати илм ва инноватсия дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон семинари байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил» доир гардид, ки ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии ДДМИТ бахшида шуд.

Семинарро муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Кутбиддин Мукимов ифтитоҳ намуда, изҳор дошт, ки равобити иқтисодии кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар заминаи шарикии боэътимод рушду инкишоф ёфта, беш аз пеш такмил меёбанд. Иттиҳоди мазкур пас аз пароканда шудани Иттиҳоди Шуравӣ яке аз калонтарин созмони минтақавию байналхалқӣ ба ҳисоб рафта, моҳи декабри соли 1991 бо мақсади муосидат ба равандҳи ҳалли муҳимтарин масъалаҳои дар марҳалаи ташаккули давлатҳои мустақил ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишварҳо таъсис дода шудааст. ИДМ дар марҳалаи кунунӣ ба сифати фароҳам овардани фазои мусоид ҷиҳати таҳкими муколамаҳо байни кишварҳои узв дар баррасии муҳимтарин масъалаҳои иқтисодӣ фаъолият мекунад. Давоми беш аз се даҳсола робитаҳои иқтисодӣ байни кишварҳои ИДМ пайваста густариш ёфта, ҳиссаи гардиши тиҷорати хориҷӣ афзоиш ёфта истодааст, ки он дар доираи ИДМ ба зарфиятҳои ҷойдошта ҷиҳати беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум ва таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ заминаи мусоид гузошта метавонад.

Дар идома доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ Мехархон Содиқов дар маърузаи худ таҳти унвони «Афзалиятҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паҳнои ИДМ» зикр кард, ки Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз имкониятҳои ҳамгироӣ ҷиҳати таҳкими иқтисоди миллӣ ва густариши муносибатҳои байналмилалӣ ба таври кофӣ истифода мебарад. Зеро ИДМ барои Тоҷикистон бозори васеи содиротӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, муносибатҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои узв ба афзоиши гардиши мол, содироти маҳсулоти ватанӣ ва воридоти технологияву таҷҳизоти зарурӣ мусоидат мекунад. Ин аст, ки ҳамгироӣ дар доираи ИДМ ҷалби сармояи хориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва рушди инфрасохтори иқтисодиро осон менамояд. Ин раванд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд гардидани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

Гуфта шуд, ки ширкат дар сохторҳои ИДМ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки мавқеи худро дар масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам намуда, манфиатҳои миллиро ҳимоя кунад.

Дар маҷмуъ, ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паҳнои ИДМ яке аз омилҳои муҳими таҳкими суботи иқтисодӣ, рушди устувор ва таҳкими мавқеи байналмилалии кишвар ба ҳисоб меравад.

Меҳмони семинари илмӣ-амалӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи миллии аграрии Қирғизистон Жолдошбекова Сейилхан Джолдубаевна дар мавзуи «Рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ миёни Қирғизистону Тоҷикистон» маъруза шуд, аҳамияти масъалаи мазкурро ба он вобаста донист, ки ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил омили муҳими рушди устувори кишвар мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ҳамкорӣ дар Давлатҳои Осиеи Марказӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Таҳкими робитаҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди тиҷорат, фаъолияти сармоягузорӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва ҳамкории энергетикӣ мусоидат мекунад.

Маърузакунанда аз баъзе мушкилоти монеи рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили зарурати навсозии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, нигоҳ доштани мушкилоти алоҳидаи гумрукӣ ва маъмурӣ ҳангоми савдо, сатҳи нокифояи сармоягузории мутақобила ва лоиҳаҳои муштарак, зарурати густариши ҳамкорӣ дар соҳаи обу энергетика, ҳаҷми маҳдуди гардиши мол дар муқоиса бо потенсиали мавҷуда, таъсири омилҳои иқтисодии хориҷӣ ба суръати рушди ҳамкорӣ ва зарурати тақвияти робитаҳои корӣ байни минтақаҳои ду кишвар ном бурд, ки дар сурати ҳалли саривақтии онҳо ба пешрафти ҳамкориҳо мусоидат бештар менамоянд.

Зикр гардид, ки дар маҷмуъ, муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз монеаҳо ва маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, барои рушди устувор имкон доранд. Дар сурати татбиқи пайвастаи тадбирҳо оид ба содда кардани савдо, рушди логистика ва таҳкими ҳамкории институтсионалӣ имкон дорад, ки самаранокии ҳамкорӣ баланд бардошта шавад ва ҳаҷми савдои мутақобила зиёд карда шавад. Дар умум, бо рафъи пайвастаи монеаҳои мавҷуда ва таҳкими заминаи институтсионалӣ, муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии дуҷониба бахри рушди устувор иқтидори назаррас доранд.

Сипас, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Донишгоҳи тадқиқотии агротехникии Қазоқистон ба номи С. Сейфуллинаи Пажуҳишгоҳи тиҷорат ва технологияҳои рақамӣ Кожахметова Айгул Есеновна тариқи маҷозӣ баромад намуд. Мавзуи суҳбати номбурда «Баъзе масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ дар фазои ИДМ» ро дар бар мегирифт.

Айгул Кожахметова зимни баромади хеш изҳор дошт, бархе масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил имрӯз ба яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисодии кишварҳои узв табдил ёфтаанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иқтисодӣ, густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ миёни давлатҳои ИДМ метавонад ба рушди бозорҳои минтақавӣ, афзоиши гардиши мол ва таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат намояд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ ҳанӯз мавҷуд будани баъзе маҳдудиятҳои гумрукӣ, тарифӣ ва техникӣ байни кишварҳои ИДМ мебошад. Содасозии расмиёти гумрукӣ, хамоҳангсозии меъёрҳо ва коҳиши монеаҳои маъмурӣ метавонад ба рушди савдои мутақобила таконӣ ҷиддӣ бахшад.

Гуфта шуд, ки таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ бидуни инфрасохтори муосири нақлиётӣ имконнопазир аст. Барои кишварҳои минтақа, бахусус Тоҷикистон рушди роҳҳои оҳан, шоҳроҳҳо, марказҳои логистикӣ ва долонҳои транзитӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Ҳамчунин, дар фазои ИДМ масъалаи рақамикунонии савдо ва ҳизматрасониҳо аҳамияти бештар пайдо кардааст. Ҷорӣ намудани низомҳои электронии пардохт, савдои электронӣ ва ҳуҷҷатгузории рақамӣ метавонад раванди ҳамкориҳои иқтисодиро осон ва шаффоф гардонад.

- Таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ дар фазои ИДМ барои ҳамаи кишварҳои узв аҳамияти калидӣ дорад. Ин раванд метавонад ба рушди устувори иқтисодӣ, баланд шудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва густариши робитаҳои минтақавӣ мусоидат намуда, заминаи боэътимоди рушди ояндаро фароҳам созад, - маърузаашро хулосабарорӣ кард олими қазоқ.

Дар фарорвади ҳамоиш устодону омӯзгорони донишгоҳ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шермуҳаммад Ҷонмаҳмадов, декани факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ Мастура Буриева, декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ Фахриддин Убайдов ва мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Садриддин Шарифов ба музокира баромада, изҳор намуданд, ки густариш ва таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, чун анъана дар асоси дӯстиву эътимод, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории судманд ба роҳ монда шуда, ба иҷрои ҳадафу вазифаҳо, ҳамчунин, рафъи мушкилоти муштарак равона гардидаанд.

Умед ва хушбинӣ карда шуд, ки ин ҳама тадбиру чорандешиҳо ва ҳамкориҳои мақсаднок заминаи воқеии рушди ҳамгироии минтақавӣ гашта, инъикосгари манфиати мутақобила, ҳалли дастҷамъонаи мушкилиҳои умумӣ, афзоиши мубодилаи иқтисодию фарҳангӣ ва болоравии сатҳи зиндагии сокинон дар паҳнои ИДМ мегардад.

Ёдовар мешавем, ки семинари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил» давоми рӯз дар бахшҳо ба 12 май ба шакли «Мастер-классҳо» ва инчунин. дар доираи лоиҳаи донишгоҳи «Профессори даъватӣ» идома ҳоҳад ёфт.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНИ «ДОНИШҶӮИ СОЛ»ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ масъалаи дастгирии ҷавононро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, барои илмомӯзӣ ва рушди маънавию касбии онҳо тадбирҳои густурда амалӣ намудааст. Маҳз бо ташаббус ва сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ҷавонон шароити мусоиди таҳсил, таҳқиқоти илмӣ ва рушди истеъдодҳо фароҳам гардидааст.**

Аз ҷумла, дар кишвар барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии ҷавонон қабул ва татбиқ шуда истодаанд, ки ҳадафи асосияшон баланд бардоштани сатҳи дониш, ҷаҳонбинии илмӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос мебошад.

Дар навбати худ талошҳои пайвастаи ҷавонони имрӯзаи мо ҷиҳати иштироки фаъолона дар рушду нумӯи кишвари азизамон бовар бар он месозад, ки насли ояндасози миллатамон бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ минбаъд низ тамоми неруи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Ватани азизамон ва устувор гардонидани мавқеи он дар қатори кишварҳои мутараққӣ сафарбар менамоянд.



Дар ҷамъбасти озмуни донишгоҳии «Донишҷӯи сол», ки санаи 15 майи соли равон дар ДДМИТ бо ширкати муовини аввал, муовини ректор оид ба илм Саидакмал Мирсаидов, муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғафорова, инчунин, деканони факултетҳо, мудирони кафедраҳо, роҳбарони илмии донишҷӯёни ғолиб ва доираи васеи омӯзгорону мутахассисин доир гардид, ҳамин нукта махсусан таъкид гардид.

Бо ишора ба талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии ҷавонон дар роҳи илмомӯзӣ, муовини аввали ректор С. Мирсаидов таъкид намуд, ки чунин иқдомҳои нек ба танзо ба омодасозии ҷавонони донишманду соҳибкасб, ки алъон ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа ва кафили рушди минбаъдаи давлат арзёбӣ мешаванд, ҳамчунин, ба рушду таҳкими иқтидори зеҳнии миллат ва таъмини ояндаи устувори кишвар равона гардидаанд.



Муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғафорова низ зимни баромади хеш зикр намуд, ки озмуни ҷумҳуриявии «Донишҷӯи беҳтарин», ки бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад, яке аз тадбирҳои муҳими давлатӣ дар самти дастгирии ҷавонони болаёқат ба шумор меравад. Ҳадафҳои асосии ин озмун бисёрҷанба буда, ба рушди зеҳнӣ, илмӣ ва иҷтимоии донишҷӯён равона шудаанд.

- Ҳадафи калидии озмун қабл аз ҳама дарёфт ва дастгирии донишҷӯёни боистеъдод буда, ин ташаббус имконият фароҳам меорад, то ҷавонони дорои дониши амиқ, малакаи баланди таҳлил ва ҷаҳонбинии васеъ шинохта ва кадрдонӣ шаванд, - иброз дошт Ш. Ғафорова ва ҳамзамон афзуд, ки озмун ба ҳавасмандсозии донишҷӯён барои илмомӯзӣ ва таҳқиқоти илмӣ нигаронида шудааст. Иштирок дар чунин сабқатҳо донишҷӯёнро водор месозад, ки сатҳи дониш ва маҳорати касбии худро боло баранд.

Сипас, сардори раёсати ташкилию тарбиявии донишгоҳ Сиёвуш Ҳабибов зимни муаррифии ғолибони даври донишгоҳии озмуни «Донишҷӯи сол» иброз дошт, ки тибқи тартиботи низомномавии озмун аз миёни 7 нафар ғолиб пас аз баҳогузории ҳакамон танҳо 3 нафар донишҷӯ метавонад ба даври ҷумҳуриявӣ, ки бо ширкати 42 нафар донишҷӯ аз муассисаҳои олии касбии кишвар дар Рӯзи ҷавонон доир мегардад, роҳ ёбад.

Пас аз шунидани маросими муаррифӣ ва презентатсияи ҳамаи довталабон бо раъйи умумии ҳайати ҳакамон ҷойи якумро донишҷӯйи курси 3-юми ихтисоси аудит ва ревизияи факултети ҳисобдорӣ ва омор Исмоил Асроров, ҷойи дуюмро ба Ҳаймахмадов Муҳаммад Азаматшоҳович - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқ ва ҷойи сеюм Додоҷонова Мавҷуда - донишҷӯи соли 3-юми факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ихтисоси молия ва қарз ба даври ҷумҳуриявии озмуни «Донишҷӯи сол» дар соли таҳсили 2025 - 2026 роҳхат гирифтанд.

Раёсат ва ҳайати профессориву омӯзгории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ғолибони даври донишгоҳии озмуни «Донишҷӯи сол» самимона муваффақият орзу намуда, итминон дорад, ки иштироки ӯ дар даври ҷумҳуриявӣ ҷойгоҳи сазоворро соҳиб гардида, шарафу нуфуз ва эътибору обрӯи донишгоҳро ҳимоя хоҳад кард.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# ҒОЛИБИЯТИ ДОНИШҶӮИ ДДМИТ ДАР ФЕСТИВАЛИ «САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ»

Рӯзи 1 майи соли ҷорӣ бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, муассисаҳои суғуртавӣ ва ширкатҳои рушд фестивали ҷумҳуриявии «Саводнокии молиявӣ» бо шукуҳу шаҳомати хоса доир гардид.

Чорабинии мазкур дар толори Муассисаи давлатии «Мактаби баҷагонаи санъат ба номи Одина Ҳошим», инчунин дар боғи фарҳангии «Куруши Кабир» ва «Майдони 800-солагии Москва» гузаронида шуда, садҳо нафар ҷавонон, донишҷӯён ва сокинони пойтахтро ба ҳам овард.

Қисмати ҷолибу хотирмони фестивали имсола иштироки фаъоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар озмуну викторинаҳои молиявӣ ба ҳисоб мерафт. Боиси ифтихор аст, ки дар ин чорабинии сатҳи ҷумҳуриявӣ донишҷӯи фаъоли Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нилгуна Абдулҳақова, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси аудит ва ревизияи факултети ҳисобдорӣ ва омор маҳорати баланд ва дониши мукаммали худро нишон дод. Номбурда дар чанд даври саволу ҷавоб ва викторинаҳои молиявӣ фаъолона иштирок намуда, бо донишу ҷаҳонбинии васеъ миёни иштирокчиён мавқеи намоёнро касб кард. Саволҳои пешниҳодшуда бештар ба мавзуъҳои фаъолияти бонкҳо, низоми баҳисобгирӣ, пасандоз, суғурта, хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ рабт дошта, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ баргузор шуданд.



Дар натиҷа, Нилгуна Абдулҳақова бо нишон додани сатҳи баланди омодагӣ ва ҷавобҳои дақиқ соҳиби Шоҳҷоиза - планшети муосири Honor ва ҳамчунин, туҳфаҳои махсуси ташкилотҳои молиявию ширкатҳои рушд гардид.

Қаҳрамони матлаб зимни суҳбат иброз дошт, ки чунин фестивалҳо барои ҷавонон имконияти хуби омӯзиш ва такмили донишҳои иқтисодию молиявӣ мебошанд. Иштирокчиён метавонанд аз машваратҳои ройгон истифода намуда, бо хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ шинос шаванд, имкониятҳои онҳоро муқоиса намоянд ва барои қабули қарорҳои дурусти молиявӣ таҷрибаи муфид ба даст оранд.

Мавриди зикр аст, ки Нилгуна Абдулҳақова аз ҷумлаи донишҷӯёни фаъоли ДДМИТ ба ҳисоб рафта, дар корҳои ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои донишгоҳӣ иштироки фаъол дорад. Ӯ, ҳамзамон гирандаи Стипендияи Раиси шаҳри Душанбе буда, дар миёни ҳамсабақон ҳамчун донишҷӯи фаъолу ташаббускор шинохта мешавад.

Фестивали «Саводнокии молиявӣ» яке аз иқдомҳои муҳими давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати иқтисодию молиявии аҳолӣ ба ҳисоб рафта, ҳамасола дар доираи татбиқи сиёсати давлатии рушди иқтисодӣ ва рақамикунонии низоми хизматрасониҳои молиявӣ баргузор мегардад. Ҳадафи асосии чорабинӣ баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон оид ба хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавӣ, тарғиби истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди фарҳанги пасандозкунӣ ва тақвияти донишҳои иқтисодии ҷавонон мебошад.

Раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дастоварди Нилгуна Абдулҳақоваро намунаи ибрат барои ҷавонон арзёбӣ намуда, ӯро ба ин муваффақияти арзанда табрик мегӯяд ва дар фаъолияти илмию таълимӣ ва зиндагии ояндаш комёбиҳои нав ба нав орзу менамояд.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

*Математика ва иқтисодиёт соҳаҳои мустақили илм ба ҳисоб рафта, ҳар яке аз онҳо объект ва предмети тадқиқотии худро доранд. Ба ақидаи иқтисодчӣ-математики машҳури америкоӣ Норберт Винер, хизмат ва вазифаи муҳимтарини математика аз он иборат аст, ки тартиби ниҳоиро дар бенизомие, ки моро иҳота намудааст, муайян мекунад. Аз ин хулоса мебарояд, ки предмети тадқиқоти математика ҷустуҷӯйи шакли миқдории тавсифи алоқаҳои абстрактӣ ба шумор меравад, ки дар муҳити моро иҳотакарда ҷой дошта метавонад. Ҳамин аст, ки математики машҳури асри XIX-и Олмон К. Гаусс математикаро шоҳи фанҳо ном бурдааст.*



# МАТЕМАТИКА ВА ИҚТИСОДИЁТ: УМУМИЯТ, РОБИТА ВА ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ОНҲО

Дар мадди аввал чунин ба назар мерасад, ки математика ба мафҳумҳое такя мекунад, ки ба ҳаёти воқеӣ ҳеҷ алоқамандӣ надоранд, вале математика ҳамчун як соҳаи илм хусусияҳои хоси худро соҳиб мебошад, ки онро беҳамто намудааст. Онҳоро номбар мекунем:

- риояи қатъӣ, ки имконияти аз доираи қоидаҳои муайяншудаи сохти муносибатҳо (алоқаҳо) берун шуданро намедиҳад - формулаҳои математикӣ;
- ҳангоми ҳосил намудани формулаҳои математикӣ аввал системаи аксиомаҳоро ҳамчун постулатҳо баён намуда, аз натиҷаи он дар асоси қоидаҳои қатъӣ формулаҳои математикии мувофиқ сохта мешаванд;
- имконияти истифода намудани ин ё он мафҳумҳое, ки кушодани моҳияти онҳо зарурат надорад. Чунки натиҷаҳои ҳосилшуда хусусияти абстрактӣ дошта, умуман ба хусусияти объект алоқаманд нест.

Маҳз ҳамин хусусиятҳо дастгоҳи математикиро барои ҳамаи соҳаҳо ба олоти аналитикии ҳамаҷониба табдил додааст. Ҳамин тавр, математика бо ин хосиятҳо соҳиб шуда, дар асоси гипотезаҳои пешниҳодшуда истифода аз қоидаҳои мантиқии қатъӣ имкон медиҳад, ки маълумоти илмии навро оид ба объекте, ки мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, пайдо намоем. Ин равандро то пурра ҳосил намудани маълумоти зарурии нав такрор намудан мумкин аст.

Иқтисодчии барҷастаи асри XIX-и немис К. Маркс қайд кардааст, ки илм фақат ҳамон вақт ба қуллаҳои баландтарини худ расида метавонад, агар вай аз математика самарабахш истифода намояд.

Математики англис Гексли навиштааст: «Математика мисли санги осиёб ҳар он чизеро, ки дар зераш мерезанд, ба орд табдил медиҳад. Ба зери он санг қуро партофта, шумо орди гандум намегиред, ҳамин тавр ҳам миқдори калони формулаҳоро навишта шумо ҳақиқатро аз шартҳои пешакии бардурӯғ фарқ карда наметавонед».

Татбиқи математика дар иқтисодиёт аз асри XVIII сарчашма гирифтааст. Иқтисодчии фаронсавӣ Франсуа Кенэ соли 1738 аввалин ҷадвалҳои иқтисодии худро нашр намуд, ки дар он элементҳои математика истифода шудаанд. Ин аввалин кӯшиш оид ба навишти миқдории раванди такрористеҳсолкунии маҳсулоти ҷамъиятӣ ҳамчун ягонагии бутун ба ҳисоб мерафт. Баъд аз он модели классикии макроиқтисодии такрористеҳсолкунии ҷамъиятиро Адам Смит ва Давид Рикардо (модели тиҷорати байналмилалӣ) пешниҳод намуданд. К. Маркс дар асарҳои худ аппарати математикӣ (моделҳои сода ва бисёрҷабҳаи такрористеҳсолкунӣ, муомилоти пулӣ ва ғайра)-ро самарабахш истифода менамуд.

Дар асри XIX дар иқтисодиёти сиёсӣ мактаби математикӣ ворид шуд. Намояндагони ин мактаб Л. Валрас, О. Курко, А. Маршалл, В. Парето, Ф. Эҷворт ва дигарон аввалин маротиба кӯшиш намуданд, ки дастгоҳи математикиро дар тадқиқи механизми гардиши бозор (назарияи баробарвазнии бозор) истифода намоянд. Дар охири асри XIX дар Гарвард равияе пайдо шуд, ки онро барометри гарвардӣ меномиданд. Ин яке аз равияҳои иқтисодиёти муосир мебошад, ки моделҳои эконометрикиро барои пешгӯии даврҳои саноатӣ кор карда мебарояд.

Дар ибтидои асри XX аз дастгоҳи математикӣ дар корҳои тадқиқотиашон иқтисодчиёни рус П.И. Туган - Барановский, В.И. Дмитриев, И.П. Кондратьев, Е. Слутский ва чанде дигарон низ истифода намуданд. В.И. Дмитриев аввалин маротиба дар ҷаҳони илми иқтисодӣ кӯшиш намуд, ки харҷи пурраи меҳнатро бо истеҳсоли воҳиди маҳсулот тавсиф намояд. Тадқиқотҳои онҳоро оид ба татбиқи системаи муодилаҳои хаттӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар оянда иқтисодчии америкоӣ В. Леонтев дар коркарди усули машҳураш - методи «харҷ-барориш», ки барои он мукофоти Нобелро сазовор гардид, самарабахш истифода намуд.

Дар ИҶШС солҳои 20-уми асри гузашта ҳангоми банақшагирии давлатӣ проблемаи истифодабарии методҳои математикӣ дар иқтисодиёт боиси баҳсу мунозираҳои шадид гардид. Чунин масъалаҳо аз ҷумлаи имкон ва зарурати истифодаи дастгоҳи математикӣ дар иқтисодиёт, функсияҳои ёрирасони методҳои математикӣ, татбиқи онҳо ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар солҳои 30-юми асри гузашта математики шуравӣ Л.В. Канторович синфи нави масъалаҳои математикӣ - барномасозии хаттиро кор карда, методи универсалии ҳалли онҳоро пешниҳод намуд. Ин имконият дод, ки ҳар гуна масъалаҳои иқтисодӣ, ки бо критерияи хаттӣ муайян карда мешуданд, бо осонӣ ҳалли худро ёбанд. Барои ин тадқиқот Л.В. Канторович соли 1950 сазовори Ҷоизаи Нобелӣ гардид.

Мутаассифона, дар собиқ ИҶШС дар солҳои 1940-1957 масъалаи истифодабарии математика дар иқтисодиёт аз чашм дур афтод. Методҳои математикии ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, ки то ин вақт мавҷуд буданд, дар амал истифода намешуданд. Сабабҳо гуногун буданд. Мавҷуд будани зиддият оид ба истифодабарии методҳои математикӣ дар тадқиқотҳои иқтисодӣ, кӯҳнапарастӣ (консерватизм) ва нарасидани мутахассисони баландихтисос яке аз сабабҳои субъективии он мебошанд.

Дар Ғарб бошад, аз миёнаи солҳои 40-уми асри XX сар карда раванди шиддатноки ҷорӣ намудани математика дар иқтисодиёт ва ҳам дар соҳаи тадқиқоти иқтисодӣ суръат гирифт. Солҳои 60-ум бошад, татбиқи математика дар иқтисодиёт соҳаи идоракунии корчаллонӣ (бизнес)-ро фаро гирифт. Донишмандони машҳури Ғарб Д. Хикс, Р. Солоу, В. Леонтев, П. Самуэлсон ва чанде дигарон барои рисолаҳои илмиашон, ки ба истифодаи дастгоҳи математикӣ дар иқтисодиёт бахшида шуда буданд, сазовори Ҷоизаи Нобелӣ гардиданд.

Дар собиқ ИҶШС ба татбиқи дастгоҳи математикӣ дар иқтисодиёт охири солҳои 50-ум баргаштанд, баъд аз он ки Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии иқтисодии банақшагирии давлатии ИҶШС солҳои 1957-1958 ба коркарди тавозуни байнисоҳавӣ шуруъ намуд. Соли 1958 бо сарварии академик В.С. Немчинов Лабораторияи математикӣ-иқтисодии АУ ИҶШС ташкил карда шуд, ки оид ба коркарди тавозунҳои байнисоҳавии ноҳиявӣ корҳои тадқиқотӣ мебурданд. Дар баробари ин, ба тайёр намудани мутахассисон оид ба ин самт (иқтисодчӣ-математик) поя гузошта шуд.

Айни замон инкишофи макроиқтисод ва микроиқтисод ва фанҳои иқтисодиёти амалӣ ба дараҷаи баланди ташаккули онҳо алоқаманд аст. Ба ин раванд пешравӣ дар соҳаи математикаи амалӣ (барномасозии математикӣ, назарияи бозиҳо, омори математикӣ, назарияи хизматрасонии оммавӣ ва ғайра) асос гузоштааст. Инчунин, пешравӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ, ки имконияти коркард, нигоҳ доштан ва додани ахбороти калонро дорад, дар инкишофи макро ва микроиқтисод нақши бениҳоят калонро мебозад.

Умумияти математика ва иқтисодиёт аз он иборат аст, ки онҳо бо объектҳои абстрактии дараҷаҳояшон хеле мушкил сару кор доранд. Ҳамаи формулаҳо абстрактӣ мебошанд. Равандҳои иқтисодӣ ва пайдоиши онҳо, муносибатҳои иқтисодӣ низ абстраксия (мавҳум)-и иқтисодӣ мебошанд, ки хусусияти фазоӣ надоранд. Ҳамин аст, ки иқтисодиёт заминаи серҳосил барои истифодаи математика гардидааст.

Байни иқтисодиёт ва математика алоқаи рост ва ҳам алоқаи баръакси он: сохтани дастгоҳи нави математикӣ ва истифодаи он мавҷуд аст, ки он ба иқтисодиёт имконият медиҳад, ки масъалаҳои гузошташуда бо тарзи нав ҳал карда шаванд. Бо шарофати моделронии математикӣ ба иқтисодчиён муяссар гардид, ки фаҳмиши назариявӣ ва амалиашонро оид ба усулҳои мувофиқкунонии масъалаҳои идоракунӣ аз рӯи якчанд критерияҳои оптималӣ, оид ба шарти муқаррарот ҳам дар тадқиқот ва ҳам дар амалияи идоракунӣ дар сатҳҳои гуногун васеъ намоянд.

Иқтисодиёт дар назди математика масъалаҳои нав ба нав гузошта, баҳри ҷустуҷӯи методҳои ҳалли онҳо ҳавасмандиро таъмин менамояд. Бояд қайд кард, ки дар шароити ҳозира талаботи иқтисодиёт ба дастгоҳи нави математикӣ нисбат ба имконияти худи математика оид ба коркарди онҳо пеш гузаштааст. Масалан, имконияти ҳалли масъалаҳои стохастикӣ, барномасозии ғайрихаттӣ ва ғайра хеле маҳдуд мебошанд. Ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ боиси пайдоиши самтҳои гуногун дар математикаи амалӣ - барномасозӣ, назарияи бозиҳо, шабакаҳои нейронӣ, хизматрасонии оммавӣ, таҳлили омории бисёрченака ва ғайра гардид. Дар навбати худ, дар пояи математика чунин методҳои махсуси тадқиқотҳои иқтисодӣ: шабакавӣ, тавозунӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва ғайра инкишоф меёбанд.

Ҳамин тавр, иқтисодиёт ва математика ҳамеша дар алоқаи доимӣ мебошанд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Бо инкишофи технологияи иттилоотӣ ин муносибати дутарафа аз соҳаи тадқиқоти иқтисодӣ ба хоҷагидории ҳақиқии идоракунии корчалонии муосир табдил ёфт.

Дар ҷараёни васеъ истифода намудани математика дар идоракунии корчаллонӣ як қатор душвориҳо пеш меоянд, ки боиси мамонияти истфодабарии моделҳои коркардашудаи математикӣ дар идоракунӣ мегарданд.

Душвории аввал - набудан ва ё беэътимодии иттилоот; дуюм - бисёромилӣ, гуногуншаклии объектҳо, шаклҳои ташкилӣ ва ғайра; сеюм - инсон, шахси асосии амалкунанда дар ҳамаи равандҳое, ки дар ҷамъият ба вуқуъ меояд. Инсон дар иқтисодиёт истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи ҳамаи неъматҳо мебошад. Мақсад, ҷасорат ва имконияти ӯ ба ҳолат ва рафтори системаҳои иқтисодӣ таъсири калон мерасонад.

Инчунин, татбиқи васеи компютер дар коркарди математикии иттилоот аз мактабҳои олии равияи иқтисодидошта дар таълими математика муносибати навро талаб мекунад. Ба андешаи мо, дар шароити ҳозира бо сабаби баланд шудани нақши математика дар иқтисодиёт ва пайдо шудани технологияи нави коркарди математикии иттилоот зарурати аз нав дида баромадани барномаҳои таълимӣ дар курсҳои математика (математикаи олӣ, назарияи эҳтимолият, математика дар иқтисодиёт, омори математикӣ, математикаи молиявӣ, методҳои математикӣ ва ғайра) ва технологияи итиллоотӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса, барои ин ду илми гуногун - математика ва иқтисодиёт мутақобилагии зич хос аст. Тағйирёбии бошиддат дар фаъолияти соҳибкорӣ дар асри XX1, инкишофи босуръати технологияи зеҳнӣ, тадриҷан гузаштан аз иқтисодиёти «молӣ» ба иқтисодиёти илмӣ, ин муносибатро боз ҳам мустаҳкамтар менамояд. Татбиқи математикаи муосир дар тадқиқотҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, то гузаштаро фаҳмонем,ояндаро дарк кунем ва ба натиҷаи кори худ баҳои дуруст дода тавонем. Ин амалишавӣ аз мо кӯшиши зиёд ва донишҳои нави фундаменталиро талаб мекунад, ки иқтисодиёт ба он ниёзи калон доранд.

**Абубакр КАБИРОВ,**
**н.и.ф.м., дотсенти кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

# БАРАНДАГОНИ ҶОИЗАИ БОНУФУЗТАРИНИ ИҚТИСОДӢ

**Ҷоизаи Бонки миллии Шведсия, дар соҳаи улуми иқтисод, ба хотири Алфред Нобел, ба таври ғайрирасмӣ, ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисодиёт ҳисобида мешавад. Он барои дастовардҳо дар соҳаи улуми иқтисодиёт супорида мешавад. Ҷоиза дар як сол як маротиба аз ҷониби Академияи улуми шоҳии Шведсия супорида мешавад ва бонуфузтарин ҷоиза дар соҳаи иқтисодиёт мебошад. Ҷиҳати фарқкунандаи ин ҷоизаи Нобел аз дигар соҳаҳои ҷоизаи Нобел дар он аст, ки он мероси бевоситаи Алфред Нобел нест. Ҷоизаи мазкур соли 1969 таъсис дода шуда, то имрӯз 54 маротиба тақдим шудааст ва онҳоро 89 нафар олимони иқтисодчӣ гирифтаанд. Барандаи ин ҷоиза душанбеи дуюми моҳи октябр эълон мешавад ва худи ҷоиза санаи 10-уми декабр супорида мешавад.**

Дар маводи мазкур мо тасмим гирифтаем ба хонандагон рӯйхати ҳамаи барандагони ин ҷоиза ва кашфиёти онҳоро пешкаш намоем. Донишҷӯён бошанд, метавонанд ин маводро дар навиштани корҳои мустақилона истифода баранд. Инак, ба Шумо барандагони ҷоиза ва кашфиёташон пешкаш мегардад:

1. Соли 1969 Рагнар Фриш аз Норвегия ва Ян Тинберген аз Нидерландия «Барои тартиб додан ва истифодаи моделҳои динамикӣ барои таҳлили равандҳои иқтисодӣ».

2. Соли 1970 Пол Самуэлсон аз ИМА «Барои кори илмии ташаккулдиҳандаи назарияи иқтисодии статикӣ ва динамикӣ».

3. Соли 1971 Саймон Кузнетс аз ИМА «Барои шарҳи аз ҷиҳати эмпирикӣ асоснокшудаи рушди иқтисодӣ».

4. Соли 1972 Ҷон Ричард Хикс аз Британияи Кабир ва Кеннет Эрроу аз ИМА «Барои саҳми аввалин дар назарияи умумии мувозинат ва назарияи некуаҳволӣ».

5. Соли 1973 Василий Леонтиев аз ИМА «Барои ташаккули усули «харољот-истеҳсолот» ва истифодаи он дар масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ».

6. Соли 1974 Гуннар Мюрдал аз Шветсия ва Фридрих фон Хайек аз Австрия «Барои корҳои фундаменталӣ оиди назарияи пул ва тағйирёбии иқтисодиёт ва таҳлили амиқи бахамалокамандии падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ».

7. Соли 1975 Леонид Канторович аз ИҶШС ва Тяалинг Кулманс аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар назарияи тақсими оптималии захираҳо».

8. Соли 1976 Милтон Фридман аз ИМА «Барои дастовардҳо дар соҳаи таҳлили истеъмол, таърихи муомилоти пулӣ ва коркарди назарияи монетарӣ, ҳамчунин, барои намоиши амалии мушкилии сиёсати муътадилгардонии иқтисодӣ».

9. Соли 1977 Бертил Олин аз Шведсия ва Ҷеймс Мид аз Британияи Кабир «Барои саҳми аввалин дар назарияи тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати байналмилалии сармоя».

10. Соли 1978 Герберт Саймон аз ИМА «Барои тадқиқоти навоваронаи раванди қабули қарор дар доираи ташкилотҳои иқтисодӣ».

11. Соли 1979 Теодор Шултс аз ИМА ва Артур Люис аз Британияи Кабир «Барои тадқиқоти навоваронаи рушди иқтисодӣ дар мисоли проблемаҳои давлатҳои рӯ ба инкишоф».

12. Соли 1980 Лоуренс Клейн аз ИМА «Барои сохтани моделҳои иқтисодӣ ва истифодаи онҳо дар таҳлили тағйироти иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодӣ».

13. Соли 1981 Ҷеймс Тобин аз ИМА барои «Таҳлили вазъияти бозорҳои молиявӣ ва таъсири онҳо ба сиёсати қабули қарор дар соҳаи хароҷот, дар ҳолати вазъияти бекорӣ, истеҳсолот ва нархҳо».

14. Соли 1982 Ҷорҷ Стиглер аз ИМА «Барои тадқиқоти навоваронаи сохторҳои саноатӣ, фаъолияти бозорҳо, сабаб ва натиҷаи танзими давлатӣ».

15. Соли 1983 Жерар Дебрё «Барои саҳмгузорӣ дар фаҳмиши назарияи умумии мувозинат ва шароитҳое, ки дар онҳо мувозинати умумӣ дар шароити абстрактии иқтисодӣ мавҷуд аст».

16. Соли 1984 Ричард Стоун аз Британияи Кабир «Барои саҳми бузург дар рушди илми иқтисодӣ».

17. Соли 1985 Франко Модиляни аз Италия «Барои таҳлили рафтори одамон нисбати пасандозҳо, ки дар ташкили барномаҳои миллии нафақа аҳаммияти бузурги амалӣ дорад».

18. Соли 1986 Ҷеймс Бюкенен аз ИМА «Барои тадқиқоти асосҳои шартномавӣ ва конститутсионии назарияи қабули қарорҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ».

19. Соли 1987 Роберт Солоу аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар назарияи рушди иқтисодӣ».

20. Соли 1988 Морис Алле аз Фаронса «Барои саҳми навоварона дар назарияи бозорҳо ва истифодаи самараноки захираҳо».



21. Соли 1989 Трюгве Ховелмо аз Норвегия «Барои шарҳҳои асосҳои назарияи эҳтимолиятҳо ва таҳлили сохторҳои яквақтаинаи иқтисодӣ».

22. Соли 1990 Гарри Марковитс ва Мертон Миллер аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар назарияи ташаккули нархҳои дороиҳои молиявӣ».

23. Соли 1991 Роналд Коуз аз Британияи Кабир «Барои ошкор ва нишон додани аҳаммияти хароҷоти муомилот ва ҳуқуқи моликият барои сохторҳои институтсионалӣ ва ташаккули иқтисодиёт».

24. Соли 1992 Гэри Беккер аз ИМА «Барои тадқиқи доираи васеи масъалаҳои рафтор ва вокуниши инсонӣ, ки танҳо бо фаъолияти бозоргонӣ маҳдуд намешаванд».

25. Соли 1993 Роберт Фогел ва Дуглас Норт аз ИМА «Барои тадқиқоти нави таърихи иқтисодӣ бо ёрии назарияи иқтисодӣ ва методи миқдорӣ ҷиҳати шарҳи тағйироти иқтисодӣ ва институтсионалӣ».

26. Соли 1994 Ҷон Харсани ва Ҷон Нэш аз ИМА ва Райнхард Зелтен аз Олмон «Барои таҳлили мувозинат дар назарияи бозиҳои ғайрикооперативӣ».

27. Соли 1995 Роберт Лукас аз ИМА «Барои рушд ва истифодаи интизориҳои ратсионалӣ, трансформатсияи таҳлили макроиқтисодӣ ва амиқгардонии фаҳмиши сиёсати иқтисодӣ».

28. Соли 1996 Ҷеймс Миррлис аз Британияи Кабир ва Вилиям Викри аз ИМА «Барои саҳми фундаменталӣ дар назарияи иқтисодии ангезаҳо ва маълумоти ассиметрӣ».

29. Соли 1997 Роберт К.Мёртен аз ИМА ва Майрон Шоулз аз Канада «Барои методи баҳодиҳии хосилаҳои молиявӣ».

30. Соли 1998 Амартия Сен аз Ҳиндустон «Барои саҳмгузорӣ дар некуаҳволии иқтисодӣ».

31. Соли 1999 Роберт Манделл аз Канада «Барои таҳлили сиёсати молиявию фискалӣ дар шароити қурбҳои гуногуни мубодилаи асъор ва барои таҳлили минтақаҳои асъории оптималӣ».

32. Соли 2000 Ҷеймс Ҳекман аз ИМА «Барои рушди назария ва усулҳои таҳлили интихоби дискретӣ».

33. Соли 2001 Дэниел Макфадден, Ҷорҷ Акерлоф, Майкл Спенс, Ҷозеф Стиглитс ва Даниэл Канеман аз ИМА «Барои таҳлили бозорҳо бо маълумоти ассиметрӣ».

34. Соли 2002 Даниэл Канеман аз ИМА ва Исроил ва Верной Смит аз ИМА «Барои таҳқиқот дар соҳаи қабули қарор ва механизмҳои бозорҳои алтернативӣ».

35. Соли 2003 Роберт Энгл аз ИМА «Барои коркарди усули таҳлили қаторҳои муваққатӣ дар иқтисодиёт дар асоси модели математикӣ бо гетероскедастикии шартии авторегрессивӣ» ва Клайв Грэнджер аз Британияи Кабир «Барои коркарди усули коинтегратсияи таҳлили қаторҳои муваққатӣ дар иқтисодиёт».

36. Соли 2004 Финн Кидланд аз Норвегия ва Эдвард Прескотт аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар омӯзиши таъсири омили вақт ба сиёсати иқтисодӣ ва таҳқиқи қувваҳои ҳаракатдиҳандаи сиклҳои корӣ».

37. Соли 2005 Роберт Ауман аз Изроил ва Томас Шеллинг аз ИМА «Барои амиқгардонии дарки моҳияти моҷаро ва ҳамкорӣ бо роҳи таҳлили назарияи бозиҳо».

38. Соли 2006 Эдмунд Феллс аз ИМА «Барои таҳлили мубодилаи байнивақтӣ дар сиёсати макроиқтисодӣ».

39. Соли 2007 Леонид Гурвич, Эрик Мэскин ва Роҷер Майерсон аз ИМА «Барои бунёди асосҳои назарияи механизмҳои оптималӣ».

40. Соли 2008 Пол Кругман аз ИМА «Барои таҳлили сохтори тиҷорат ва ҷойгиркунии фаъолияти иқтисодӣ».

41. Соли 2009 Элинор Остром ва Оливер Уилямсон аз ИМА «Барои таҳқиқот дар соҳаи ташкилоти иқтисодӣ».

42. Соли 2010 Питер Даймонд ва Дэйл Мортенсен аз ИМА ва Кристофер Писсаридес аз Британияи Кабир ва Миср «Барои таҳқиқи бозорҳо бо моделҳои ҷустуҷӯӣ».

43. Соли 2011 Томас Сарҷент ва Кристофер Симс аз ИМА «Барои таҳқиқоти эмпирикии алоқаҳои сабабиву натиҷавӣ дар макроиқтисодиёт».

44. Соли 2012 Ллойд Стауэлл Шепли ва Элвин Элиот Рот аз ИМА «Барои назарияи тақсимоти устувор ва таҷрибаи сохтори бозорҳо».

45. Соли 2013 Юҷин Фама, Роберт Шиллер ва Ларс Петер Хансен аз ИМА «Барои таҳлили эмпирикии тағйироти нархи дороиҳо».

46. Соли 2014 Жан Тирол аз Фаронса «Барои таҳлили ҳокимияти бозорӣ ва танзими он».

47. Соли 2015 Ангус Дитон аз ИМА ва Британияи Кабир «Барои таҳлили масъалаҳои истеъмолот, камбизоатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ».

48. Соли 2016 Оливер Харт аз Британияи Кабир ва ИМА ва Бент Холмстрём аз Финландия «Барои саҳмгузорӣ дар рушди назарияи шартномаҳо».

49. Соли 2017 Ричард Талер аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар иқтисодиёти рафторӣ».

50. Соли 2018 Вилям Нордҳаус аз ИМА «Барои интегратсияи тағйироти иқлим дар таҳлили дарозмуддати макроиқтисодӣ» ва Пол Ромер аз ИМА «Барои интегратсияи технологияҳои инноватсионӣ дар таҳлили дарозмуддати макроиқтисодӣ».

51. Соли 2019 Абҳиҷит Бенерҷи ва Майкл Кремер аз ИМА ва Эстер Дюфло аз ИМА ва Фаронса «Барои равиши таҷрибавӣ дар самти мубориза бо қашшоқии глобалӣ».

52. Соли 2020 Пол Милгром ва Роберт Уилсон «Барои мукаммалгардонии назарияи музоядаҳо ва ихтирои шаклҳои нави онҳо».

53. Соли 2021 Дэвид Кард аз Канада, Ҷошуа Ангрист аз ИМА ва Исроил ва Гвидо Имбенс аз ИМА ва Нидерландия «Барои саҳми эмпирикӣ гузоштан дар иқтисодиёти меҳнат ва саҳми методологӣ дар таҳлили алоқаҳои сабабиву натиҷавӣ».

54. Соли 2022 Бен Бернанке аз ИМА «Барои таҳқиқи бонкҳо ва бӯҳронҳои молиявӣ».

55. Соли 2023 Клаудия Голдин - иқтисоддони амрикоӣ ва профессори Донишгоҳи Ҳарвард буда, барои таҳқиқоти арзишманд дар бораи мавқеи занон дар бозори меҳнат сазовори Ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисод гардид.

56. Соли 2024 Дарон Аҷемоғлу - иқтисоддони туркӣ-амрикоӣ ва профессори Донишгоҳи технологии Массачусетс буда, барои таҳқиқот дар бораи таъсири ниҳодҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба шукуфоии кишварҳо кадрдонӣ гардид.

57. Соли 2024 Саймон Ҷонсон - иқтисоддони британиёӣ-амрикоӣ буда, барои таҳқиқот оид ба таъсири ниҳодҳо ба рушди иқтисодӣ ва нобаробарии байни кишварҳо саҳми назаррас гузошт.

58. Соли 2024 Ҷеймс А. Робинсон - профессори Донишгоҳи Чикаго буда, барои корҳои илмӣ дар бораи нақши ниҳодҳо дар ташаккули тафовутҳои иқтисодӣ ва сиёсии байни кишварҳо маъруф аст.

59. Соли 2025 Филипп Агийон - профессори Коллеж де Франс буда, таҳқиқ менамояд, ки чӣ гуна навоварӣ ва «харобии созанда» ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

60. Соли 2025 Питер Хоуитт - профессори Донишгоҳи Браун буда, ҳамроҳ бо Филипп Агийон назарияи «харобии созанда»-ро таҳия кардааст.

61. Соли 2025 Ҷоэл Мокир - дар пажуҳишҳои худ таъсири технология ва донишро ба рушди саноат ва афзоиши иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ҳамин тавр, Ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисоди соли 2025 ба Ҷоэл Мокир, Филипп Агийон ва Питер Хоуитт барои тадқиқот дар самти таъсири навовариҳо ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ тақдим гардид.

Лауреатҳо дар корҳои илмии худ исбот намуданд, ки чӣ гуна пешрафти технологӣ ва равандҳои «харобии созанда» иқтисоди муосирро шакл медиҳанд. Онҳо нишон доданд, ки рушди иқтисодӣ раванди хаттӣ набуда, тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва иваз гардидани технологияҳои кӯҳна амалӣ мегардад. Ин раванд махсусан барои рушди бозори IT, иқтисоди рақамӣ ва таъмини рушди устувор аҳаммияти калон дорад.

**Таҳияи Фирӯз НАСРИДДИНОВ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукӣ**

# ҶАВОНОН ПАРТАВИ ПИРӮЗӢ АФРӮЗАНД!

Ҳамасола 23 май дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Рӯзи ҷавонон бо шукуҳу шаҳомати хос таҷлил мегардад. Ин сана барои ҷавонон рамзи эҳтирому эътимоди давлат нисбат ба насли ҷавон ба шумор меравад. Зеро ҷавонон неруи пешбарандаи ҷомеа, идомадиҳандаи роҳи бузургони миллат ва ояндасозони давлату миллат мебошанд. Маҳз ба ҳамин хотир, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоянд.

Бо мақсади бозгӯи андеша ва мавқеи ҷавонони донишгоҳӣ кормандони нашрияи донишгоҳии «Молия ва иқтисод»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар арафаи Рӯзи ҷавонон бо раисони созмонҳои ҷавонони факултаҳои донишгоҳ суҳбат анҷом дода, назари онҳоро оид ба масъалаҳои муҳими ҷавонон, таҳсил, фаъолияти ҷамъиятӣ, технологияҳои нав ва худшиносии миллӣ пурсон шуданд:

**РАИСИ СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ БЕҲРӮЗ НАСРИДДИНОВ** зимни посух ба савол дар бораи муҳим будани дипломи аъло ё таҷрибаи амалӣ иброз дошт, ки ҷаҳони имрӯз аз ҷавонон ҳам дониш ва ҳам таҷрибаро талаб мекунад. Дипломи аъло заминаи қавии назариявӣ фароҳам оварда, сатҳи дониш ва қобилияти омӯзиши шахсро нишон медиҳад. Аммо таҷрибаи амалӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки бо муҳити воқеии корӣ ошно гардида, малакаҳои касбӣ, роҳбарӣ ва муоширатро аз худ намоянд.



- Имрӯз бисёре аз корфармоён, пеш аз ҳама, ба таҷрибаи амалии довталабон таваҷҷуҳ мекунанд. Аз ин рӯ, донишҷӯён бояд ҳанӯз дар давраи таҳсил барои такмили малакаҳои касбӣ ва иштирок дар таҷрибаомӯзиҳо кӯшиш намоянд. Танҳо ҳамоҳангии дониш ва таҷриба метавонад ҷавонро ба мутахассиси рақобатпазир табдил диҳад, - гуфт ҳамсуҳбати мо.

**ШУКРУЛЛО ЗОКИРЗОДА, РАИСИ СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ФАКУЛТЕТИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ,** фаъолияти ихтиёрӣ ё волонтёриро яке аз роҳҳои муҳими ташаккули шахсияти ҷавонон арзёбӣ намуд: «Волонтёрӣ на танҳо кори ҷамъиятӣ, балки мактаби воқеии зиндагӣ мебошад. Донишҷӯён тавассути иштирок дар чорабиниҳо ва корҳои ҷамъиятӣ малакаҳои муошират, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ ва кор дар гурӯҳро аз худ мекунанд.



Фаъолияти волонтёрӣ барои донишҷӯён имкон фароҳам меорад, ки пеш аз ворид шудан ба бозори меҳнат бо муҳити воқеии корӣ шинос шаванд. Ҳамчунин, таҷрибаи волонтёрӣ метавонад ҳангоми дарёфти ҷойи кор ба ҷавонон кумак намояд, зеро имрӯз бисёре аз корфармоён ба фаъолияти ҷамъиятии ҷавонон таваҷҷуҳ мекунанд».

**РАИСИ СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ ҲОШИМҶОН БОБОЕВ** зимни шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» иброз дошт, ки давлат барои ҷавонон ва донишҷӯён шароити мусоиди таҳсил ва рушдро фароҳам овардааст. Дар доираи ин қонун ҷавонон аз имтиёзҳои гуногун, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ, дастгирии ташаббусҳои илмӣ ва фарҳангӣ, мусоидат ба шуғл ва омӯзиши касбу ҳунар бархӯрдор мебошанд.



- Имрӯз дар назди ҷавонон имкониятҳои зиёде мавҷуданд ва ҳар як ҷавон бояд аз онҳо самаранок истифода барад. Сиёсати давлатии ҷавонон барои ташаккули насли донишманд, ватандӯст ва соҳибкасб заминаи устувор гузоштааст, - мегӯяд ӯ.

**АКМАЛ САФАРОВ, РАИСИ СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ** зимни шарҳи шиори Пешвои миллат «Ҷавонон ояндаи миллатанд» гуфт, ки ин сухан рамзи эътимоди давлат ба ҷавонон мебошад. Ӯ иброз дошт, ки ҳар як ҷавон бояд масъулияти худро дар назди Ватан эҳсос намояд ва барои ободии кишвар саҳм гузорад.



Имрӯз ҷавонони тоҷик дар соҳаҳои гуногун, илм, варзиш, фарҳанг ва технология дастовардҳои назаррас доранд. Ин муваффақиятҳо нишон медиҳанд, ки ҷавонон воқеан қодир ҳастанд Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд.

**ТАБРЕЗ АЗИЗМУРОДЗОДА, РАИСИ СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОД ВА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ** пешниҳод намуд, ки барои ҷолибтар ва пурмазмун гардидани ҳаёти донишҷӯён лоиҳаи «Сайёҳати донишҷӯён» амалӣ карда шавад. Тоҷикистон дорои мавзеъҳои зиёди таърихиву фарҳангӣ мебошад ва ҷавонон бояд аз таърихи миллат ва ёдгориҳои ниёгон огоҳ бошанд.



Ба гуфтаи ин донишҷӯи фаъол, сафар ба ҷойҳои таърихӣ метавонад ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҷаҳонбинии ҷавононро тақвият бахшад. Чунин сафарҳо на танҳо истироҳат, балки як дарси зиндаи таърих ва фарҳанг барои ҷавонон мебошанд.

**АБДУМУҲАЙМИН МИРЗОЗОДА, РАИСИ СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ФАКУЛТЕТИ ҲИСОБДОРӢ ВА ОМОР** дар мавриди нақши зеҳни сунъӣ (AI) дар ҷомеаи муосир иброз дошт, ки технологияҳои рақамӣ имрӯз ба як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон табдил ёфтаанд. Зеҳни сунъӣ метавонад бисёре аз корҳои техникиро осон намояд, аммо ҷойи инсонро пурра гирифта наметавонад.



Инсон ҳанӯз дар масъалаҳои эҷодкорӣ, ахлоқ, масъулият ва муносибатҳои иҷтимоӣ бартарӣ дорад. Ҷавонон бояд омӯзиши технологияҳои нав, забонҳои хориҷӣ ва илмҳои дақиқро ҷиддӣ гиранд, то дар оянда мутахассисони рақобатпазир бошанд.

**ПАЙҒОМ ТУҲУРЗОДА, РАИСИ СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ФАКУЛТЕТИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** нақши созмонҳои ҷавононро дар пешгирии ифротгароӣ ва таассуб муҳим арзёбӣ намуд. Имрӯз баъзе гурӯҳҳои ифротӣ кӯшиш доранд ҷавонони ноогоҳро ба роҳҳои нодуруст ҷалб намоянд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар байни ҷавонон хеле муҳим аст.



Ба гуфтаи ӯ, созмонҳои ҷавонон метавонанд тавассути баргузории семинарҳо, вохӯриҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ донишҷӯёнро ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд. Ҳамчунин, машғул будан ба варзиш, илм, фарҳанг ва фаъолияти ҷамъиятӣ ҷавононро аз таъсири ақидаҳои ифротӣ дур нигоҳ медорад.

Ҳамсуҳбатон дар фарҷоми суҳбат таъкид намуданд, ки имрӯз донишҷӯёни ДДМИТ ҳамчун неруи бузурги созанда дар пешрафти ҷомеа саҳми назаррас доранд. Онҳо дар озмунҳои байналмилалӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва корҳои илмӣ муваффақона иштирок намуда, номи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон баланд мебардоранд.

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки ҷомеа бо пешрафти босуръати технология, ҷаҳонишавӣ, рақобати иқтисодӣ ва таҳдидҳои гуногуни иттилоотӣ рӯ ба рӯ мебошад, нақши ҷавонон боз ҳам муҳимтар мегардад. Аз ҷавонони имрӯз талаб карда мешавад, ки босавод, ҷаҳонбин, ватандӯст, худогоҳ ва дорои малакаҳои муосир бошанд. Ҳамзамон, ҷавонон бояд арзишҳои миллӣ, фарҳанги аҷдодӣ ва манфиатҳои давлатро ҳифз намуда, барои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзанда гузоранд.

Дар ҳақиқат, ояндаи ҳар як миллат аз ҷавонони он вобаста аст. Агар ҷавонон донишманд, худогоҳ, ватандӯст ва дорои ахлоқи ҳамида бошанд, давлат низ рушд намуда, ҷомеа ба пешрафту субот мерасад. Аз ин рӯ, дастгирии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсилу фаъолият ва ҷалби онҳо ба корҳои созанда вазифаи муҳими ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд мебошад.

**Мусоҳиб: Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ҲИМОЯИ НАВБАТӢ

Рӯзи 21 майи соли 2026 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 73.1.017.01 назди Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ ҳимояи бомуваффақияти рисолаи илмии ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ Сайёра Ахмедова доир гардид.

Мавзуи рисолаи илмӣ «Саҳми комсомолону ҷавонон дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (1924-1991)» буда, он ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихи иҷтимоӣ ва сиёсӣ бахшида шудааст. Роҳбари илмии муҳаққиқ Абдулло Ғафуров - номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари шуъбаи таърихи муосири пажуҳишгоҳ мебошад.

Аҳли коллективи ДДМИТ Сайёра Ахмедоваро табрик намуда, дар корҳои ояндааш бароru комёбӣ таманно менамояд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**



## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети №1309545, ки кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи донишгоҳ аз 17 09 2022 ба Зарифова Ниёлбӣ Латифовна, корманди раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста мешавад.

***

Билети №1143717, ки кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи донишгоҳ аз 13 11 2025 ба Калаков Ислом Ҳабибуллоевич, муаллими кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи донишгоҳ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста мешавад.

## ТАЪЗИЯ

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Ғафуров Ғиёсиддин Садриддинович, мудири кафедраи назарияи иқтисодии донишгоҳ нисбати даргузашти

**БАРОДАРДАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Юнусов Беҳрӯз Додхудоевич, ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии донишгоҳ нисбати даргузашти

**ФАРЗАНДАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

***

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Холмуродов Худойдод Қурбоналиевич, коменданти раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ нисбати даргузашти

ПАДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Юнусов Мирзоолимов Мирзошариф Мирзомуродович (собиқ сардори раёсати маъмурию хоҷагидорӣ) ҳоло мутахассис оид ба назорати барқ, обу корез ва воситаҳои нақлиёти донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.